

# МУНОСИБАТҲОИ ОИЛАВӢ

*Лоиҳа аз ҷониби Ҳукумати Швейтсария маблағгузорӣ мешавад.*


**Schweizerische Eidgenossenschaft**
**Confederation suisse**
**Confederazione Svizzera**
**Confederaziun svizra**

Swiss Confederation
Конфедератсияи Швейтсария


2017
ДУШАНБЕ

# Руйхати БДХ

| Минтақа | Ному насаби ҳуқуқшинос | Суроғаи БДҲ | Телефон | Реҷаи кори |
|---|---|---|---|---|
| Б. Ғафуров | Солиев Парвизчон Анварович | Мақомоти ичроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Б. Ғафуров, кучаи А. Нозиров 14 (Хукумат) | 93 355 59 92 | Аз соати 8.00 то 17.00 |
| Ваҳдат | Сархатов Бахром Исматович | Корхонаи манзили комунали Борбат 7 | 93 355 59 94 | Аз соати 8.00 то 17.00 |
| Восеъ | Ситамов Курбон | Н. Восеъ кӯчаи Мирзоев 2 | 93 355 59 83 | Аз соати 8.00 то 17.00 |
| Восеъ | Содикчони Саидумари Бобосаидзода | Ҷамоати деҳоти ба номи Х. Раҷабов | 93 355 59 93 | Аз соати 8.00 то 17.00 |
| Панҷакент | Эсоева Дилфуза Киямиддиновна | Бинои НБТИ Деваштич 28 | 93 355 59 80 | Аз соати 8.00 то 17.00 |
| Панҷакент | Акрамов Искандар Муллочонович | Ҷамоати деҳоти Лоик Шерали | 93 355 59 96 | Аз соати 8.00 то 17.00 |
| Деваштич | Юсуфов Гайратчон Саидбоевич | Вилояти Суғд, ноғияи Деваштич, кғчаи ғ ғра Расул 15, ошёнаи 1-уми бинои рай. ЗАГС. | 93 355 59 82 | Аз соати 8.00 то 17.00 |
| Деваштич | Ҷаборов Аюбҷон Орифович | Вилояти Суғд, ноғияи Деваштич, кғчаи ғ ғра Расул 15, ошёнаи 1-уми бинои рай. ЗАГС. | 933555981 | Аз соати 8.00 то 17.00 |
| Ҷайҳун | Мирзошохзода Саидбегим | Вилояи Хатлон, н.Чайхун, шахраки Дусти, Кучаи И.Сомони 10, Бинои Маркази адлия | 93 355 59 86 | Аз соати 8.00 то 17.00 |
| Ҷайҳун | Ҳасанов Наврӯз | Вилояи Хатлон, н.Чайхун, шахраки Дусти, Кучаи И.Сомони 10, Бинои Маркази адлия | 93 355 59 87 | Аз соати 8.00 то 17.00 |
| Конибодом | Расулова Маҳина Солеҳовна | Мақомоти ичроияи ҳокимияти давлатии ш. Конибодом кӯч. Ёдгори 73 | 90 031 43 68 | Аз соати 8.00 то 17.00 |
| Конибодом | Ғанизода Парвина Ғанӣ | Мақомоти ичроияи ҳокимияти давлатии ш. Конибодом кӯч. Ёдгори 73 | 92 889 51 27 | Аз соати 8.00 то 17.00 |
| Шаҳринав | Ғаниев Муҳсинҷон Ботурович | Бинои маркази адлияи н.Шаҳринав кӯч.И.Сомонӣ | 91 905 65 95 | Аз соати 8.00 то 17.00 |
| Хоруғ | Айдармамадова Мунира Ивановна | Бинои Раёсати адлияи ВМКБ кӯч. Ленин 35 | 501092599 | Аз соати 8.00 то 17.00 |
| Хоруғ | Садшоева Амонсултон Масулшоевна | Бинои Раёсати адлияи ВМКБ кӯч. Ленин 35 | 501040591 | Аз соати 8.00 то 17.00 |
| Ҷ.Расулов | Алибекзода Фарух Алибек | Бинои маркази Адлияи н. Ҷ.Расулов кӯч.Э.Умаров | 927313192 | Аз соати 8.00 то 17.00 |
| Спитамен | Расулова Муҳаррам Ҳалимовна | | 92 708 51 55 | Аз соати 8.00 то 17.00 |
| Ёвон | Норов Алишер Холмуродович | | 777111100<br>918 74 05 50 | Аз соати 8.00 то 17.00 |

**Муассисаи давлатии «Маркази ёрии ҳуқуқӣ»-и назди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

734063, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ, 127.
Тел.: (+992 37) 225 16 77.
legalaid281115@gmail.com

**Таҳиягарон:** Носиров Б.Н. – Мудири Бахши банақшагирӣ, мониторинг ва баҳодиҳии ёрии ҳуқуқии Муассисаи давлатии «Маркази ёрии ҳуқуқӣ», Музаффарова Н.С. – Сармутахассиси Бахши банақшагирӣ, мониторинг ва баҳодиҳии ёрии ҳуқуқии Муассисаи давлатии «Маркази ёрии ҳуқуқӣ».

Копирайт©
**Муассисаи давлатии «Маркази ёрии ҳуқуқӣ»-и**
**Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар сурати истифода шудани маълумоту иттилооти истифодашуда, истинод ба он ҳатмист.

Оё Шумо ба ёрии ҳуқуқӣ ниёз доред?
Он гоҳ ҳалли мушкилии Шумо ҳаст!

**3040**

Ба рақами хатти телефонии ёрии ҳуқуқии (горячая линия) 3040 ройгон занг занед ва ба саволҳои худ посух гиред.

**Ба рақами 3040 танҳо муштариёни операторҳои мобилии зерин ройгон занг зада метавонанд:**

BABILON-MOBILE GSM · Beeline · МегаФон Тоҷикистон · Tcell

Одамони комилҳуқуқ. Кишварҳои босубот.

ХЕЛВЕТАС Свисс Интеркооперейшен | тоҷикистон

# МУНОСИБАТҲОИ ОИЛАВӢ



2017
ДУШАНБЕ

*Лоиҳа аз ҷониби Ҳукумати Швейтсария маблағгузорӣ мешавад.*

**Schweizerische Eidgenossenschaft**
**Confederation suisse**
**Confederazione Svizzera**
**Confederaziun svizra**

Swiss Confederation
Конфедератсияи Швейтсария

## Руйхати БДХ

| Минтақа | Ному насаби ҳуқуқшинос | Суроғаи БДҲ | Телефон | Реҷаи кори |
|---|---|---|---|---|
| Б. Ғафуров | Солиев Парвизчон Анварович | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Б. Ғафуров, кучаи А. Нозиров 14 (Хукумат) | 93 355 59 92 | Аз соати 8.00 то 17.00 |
| Ваҳдат | Сархатов Бахром Исматович | Корхонаи манзили комунали Борбат 7 | 93 355 59 94 | Аз соати 8.00 то 17.00 |
| Восеъ | Ситамов Курбон | Н. Восеъ кӯчаи Мирзоев 2 | 93 355 59 83 | Аз соати 8.00 то 17.00 |
| Восеъ | Содикчони Саидумари Бобосаидзода | Ҷамоати деҳоти ба номи Х. Раҷабов | 93 355 59 93 | Аз соати 8.00 то 17.00 |
| Панҷакент | Эсоева Дилфуза Киямиддиновна | Бинои НБТИ Деваштич 28 | 93 355 59 80 | Аз соати 8.00 то 17.00 |
| Панҷакент | Акрамов Искандар Муллочонович | Ҷамоати деҳоти Лоик Шерали | 93 355 59 96 | Аз соати 8.00 то 17.00 |
| Деваштич | Юсуфов Гайратчон Саидбоевич | Вилояти Суғд, ноғияи Деваштич, кғчаи ғ ғра Расул 15, ошёнаи 1-уми бинои рай. ЗАГС. | 93 355 59 82 | Аз соати 8.00 то 17.00 |
| Деваштич | Ҷаборов Аюбҷон Орифович | Вилояти Суғд, ноғияи Деваштич, кғчаи ғ ғра Расул 15, ошёнаи 1-уми бинои рай. ЗАГС. | 933555981 | Аз соати 8.00 то 17.00 |
| Ҷайҳун | Мирзошохзода Саидбегим | Вилояи Хатлон, н.Чайхун, шахраки Дусти, Кучаи И.Сомони 10, Бинои Маркази адлия | 93 355 59 86 | Аз соати 8.00 то 17.00 |
| Ҷайҳун | Ҳасанов Наврӯз | Вилояи Хатлон, н.Чайхун, шахраки Дусти, Кучаи И.Сомони 10, Бинои Маркази адлия | 93 355 59 87 | Аз соати 8.00 то 17.00 |
| Конибодом | Расулова Маҳина Солеҳовна | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ш. Конибодом кӯч. Ёдгори 73 | 90 031 43 68 | Аз соати 8.00 то 17.00 |
| Конибодом | Ғанизода Парвина Ғанӣ | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ш. Конибодом кӯч. Ёдгори 73 | 92 889 51 27 | Аз соати 8.00 то 17.00 |
| Шаҳринав | Ғаниев Муҳсинҷон Ботурович | Бинои маркази адлияи н.Шаҳринав кӯч.И.Сомонӣ | 91 905 65 95 | Аз соати 8.00 то 17.00 |
| Хоруғ | Айдармамадова Мунира Ивановна | Бинои Раёсати адлияи ВМКБ кӯч. Ленин 35 | 501092599 | Аз соати 8.00 то 17.00 |
| Хоруғ | Садшоева Амонсултон Масулшоевна | Бинои Раёсати адлияи ВМКБ кӯч. Ленин 35 | 501040591 | Аз соати 8.00 то 17.00 |
| Ҷ.Расулов | Алибекзода Фарух Алибек | Бинои маркази Адлияи н. Ҷ.Расулов кӯч.Э.Умаров | 927313192 | Аз соати 8.00 то 17.00 |
| Спитамен | Расулова Муҳаррам Ҳалимовна | | 92 708 51 55 | Аз соати 8.00 то 17.00 |
| Ёвон | Норов Алишер Холмуродович | | 777111100<br>918 74 05 50 | Аз соати 8.00 то 17.00 |

# МУНОСИБАТҲОИ ОИЛАВӢ

*Лоиҳа аз ҷониби Ҳукумати Швейтсария маблаггузорӣ карда шуда истодааст*

**Schweizerische Eidgenossenschaft**
**Confederation suisse**
**Confederazione Svizzera**
**Confederaziun svizra**

Swiss Confederation
Конфедератсияи Швейтсария

**Душанбе - 2017**

## Мундарича

I. ШАРТ ВА ТАРТИБИ БАСТАНИ АҚДИ НИКОҲ.................. 4

II. АҲДНОМАИ НИКОҲ....................................................15

III. ҚАТЪИ НИКОҲ .........................................................18

IV. ҲУҚУҚИ МОЛУ МУЛКИИ ЗАНУ ШАВҲАР .....................29

V. ӮҲДАДОРИИ АЛИМЕНТДИҲИИ ВОЛИДОН ВА ФАРЗАНДОН........................................................................32

VI. ТАРТИБИ ПАРДОХТ ВА СИТОНИДАНИ АЛИМЕНТ ..............................................................................37

VII. ӮҲДАДОРИҲОИ АЛИМЕНТДИҲИИ АЪЗОИ ОИЛА.................................................................... 44

VIII. ӮҲДАДОРИҲОИ АЛИМЕНТДИҲИИ АЪЗОИ ДИГАРИ ОИЛА...............................................................45

IX. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ ВОЛИДОН .........................46

X. МУҚАРРАР НАМУДАНИ АСЛУ НАСАБИ ФАРЗАНДОН........................................................................55

XI. ВАСОЯТ ВА ПАРАСТОРИИ НОБОЛИҒОН .....................55

XII. ФАРЗАНДХОНДӢ........................................................58

XIII. ҲУҚУҚҲОИ ҲАМСАРОН БА МАНЗИЛ .........................59

XIV. ҲУҚУҚИ ИНТИХОБИ НАСАБИ ҲАМСАРОН.................61

XV. ЗАМИМАҲО (Намунаҳои аризаҳои даъвогӣ)..........66

Муносибатҳои оилавӣ – ин яке аз омилҳои асосӣ ҳам дар оила ва ҳам дар ҷамъият ба шумор мераванд.

Дар брошюраи мазкур зери мафҳуми «никоҳ» танҳо никоҳе дар назар дошта мешавад, ки мувофиқи қонунгузории оилавӣ дар мақомотҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ (САҲШ) ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд.

Ин брошюра ба таваҷҷуҳи Шумо саволҳо ва ҷавобҳо ба масъалаҳое, ки дар муносибатҳои оилавӣ байни ҳамсарон, ки дар никоҳи қонунӣ ва ҳам никоҳи динӣ ба миён меоянд, пешкаш менамояд, аз он ҷумла оид ба шарт ва тартиби бастани ақди никоҳ, аҳдномаи никоҳ, қатъи никоҳ, ҳуқуқи молу мулкии зану шавҳар, ӯҳдадории алиментдиҳии волидон ва фарзандон, тартиби пардохт ва ситонидани алимент, ӯҳдадориҳои алиментдиҳии аъзои оила, ӯҳдадориҳои алиментдиҳии аъзои дигари оила, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои волидон, муқаррар намудани аслу насаби фарзандон, васоят ва парастории ноболиғон, фарзандхондӣ, ҳуқуқҳои ҳамсарон ба манзил ва ғайра.

Аз ин сабаб саволҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои оилавиро ба танзим медоранд аҳамияти махсус доранд. Дар брошюраи мазкур, Шумо метавонед бо саволҳои рузмаррае, ки диққати шаҳрвандро ҷалб менамоянд ва бо он саволҳое, ки ба ҳуқуқшиносони Бюроҳои давлатии ҳуқуқӣ медиҳанд шинос шавед ва дар охир Шумо метавонед бо намунаҳои аризаҳои даъвогии гуногун шинос шавед.

## ШАРТ ВА ТАРТИБИ БАСТАНИ АҚДИ НИКОҲ

**1. Ман мехоҳам оиди оқибатҳои ҳуқуқии никоҳи динӣ барои зан ва кӯдакони аз ин никоҳ таваллудёфта, маълумоти ҳуқуқие дошта бошам.**




Мутобиқи талаботи моддаи 1 Кодекси оилаи ҶТ танҳо он никоҳе эътироф карда мешавад, ки дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба қайд гирифта шудааст. Ақди никоҳе, ки тариқи расму оини динӣ баста шудааст эътибори ҳуқуқӣ надорад. Никоҳи мусулмонӣ ҳуқуқу ӯҳдадориҳои зану шавҳарро ба вуҷуд намеорад, зеро мутобиқи талаботи моддаи 10 Кодекси оилаи ҶТ ҳуқуқу ӯҳдадориҳои зану шавҳар аз лаҳзаи бақайдгирии ақди никоҳ дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба вуҷуд меояд. Аз ин рӯ меъёрҳои Кодекси оилаи ҶТ бобати моликияти муштараки зану шавҳар дар мавриди мазкур татбиқ карда намешавад. Нисбати моликияти онҳо меъёрҳои қонунгузории гражданӣ оиди моликияти умумӣ татбиқ мешаванд.

Лекин бақайдгирии давлатии таваллуди кӯдакони аз никоҳи динӣ таваллудёфта, тибқи тартиби умумӣ сурат мегирад. Аммо маълумот

оиди падарӣ ба ҳуҷҷати сабти аснод мумкин аст бо роҳи муқаррар намудани факти падарӣ ё дар асоси ҳалномаи суд ворид карда мешавад.

**2. Ман шаҳодатномаи ақди никоҳамро гум кардаам. Дар айни ҳол барои ариза додан ба суд ин ҳуҷҷат ҳатмӣ мебошад. Ман метавонам шаҳодатномаи ақди никоҳи гумшудаамро барқарор кунам?**

Бале. Дар асоси моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» дар сурати гум кардани шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ, инчунин корношоям гардидани он, шаҳодатномаи такрории бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ аз рӯи аризаи шаҳрванд дар асоси сабти китоби аснод ё китоби метрикӣ аз тарафи мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии шаҳр ва ноҳия ва дар ҳолатҳои истисноӣ аз тарафи бойгонии вилоятӣ ва ҷумҳуриявии мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дода мешавад. Дар кунҷи болои тарафи рости шаҳодатномаи такрории бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ қайди «Такрорӣ» гузошта мешавад.

Шумо ҳуқуқ доред барои гирифтани шаҳодатномаи ақди никоҳи такрорӣ ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии онро ба ҷо оварда муроҷиат намоед.

**3. Ман оиладор шуданиам, аммо кормандони САҲШ ба ман чунин тавсия доданд, ки то маълумотномаи тиббӣ оид ба саломатӣ пешниҳод накунам, аризаи маро кабул намекунанд. Мехоҳам фаҳмидан, ки барои чӣ маълумотномаи тиббӣ зарур аст?**

Қонунгузор дар моддаи 14 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҳолатҳое, ки монеаи бастани ақди никоҳ мегарданд аз муоинаи тиббии ҳатмӣ нагузаштани шахсоне, ки мехоҳанд ақди никоҳ бандад, эътироф кардааст. Дар моддаи 15 ҳамин Кодекс дарҷ шудааст, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд пеш аз бастани ақди никоҳ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои давлатии соҳаи тандурустии маҳалли зист ё истиқомати доимӣ аз муоинаи тиббии ҳатмӣ ба таври ройгон мегузаранд ва онҳо бо натиҷаи муоинаи тиббии ҳатмии ҳамдигар шинос карда мешаванд. Машваратдиҳӣ оид ба тарзи солими ҳаёт, банақшагирии оила ва таъсири бемориҳо ба саломатии насл аз ҷониби муассисаҳои давлатии соҳаи тандурустии маҳалли зист ё истиқомати доимӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

**4. 2 сол мешавад, ки бо духтари холаам дар фотеҳа қарор дорам ва якдигарро дӯст медорем.**

**Барои ба маросими тӯй маблағ ҷамъ кардан ба Федератсияи Россия ба кор рафта будам. Вақте, ки ба зодгоҳам баргаштам ба ман гуфтанд, ки бо духтари холаам оиладор шуда наметавонам. Фаҳмидан мехостам, ки ин гап то чӣ андоза дуруст аст?**

Мутобиқи тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи ҶТ аз 15 марти соли 2016 ба моддаи 14 бандҳои нав илова карда шудаанд, ки тибқи онҳо ақди никоҳ байни фарзандони бародарон, хоҳарон, бародару хоҳар манъ карда шудааст.

**5. Оё дар қонунгузорӣ имконияти кам намудани синни никоҳӣ мавҷуд мебошад?**

Бале. Мутобиқи талаботи моддаи 12 Кодекси оилаи ҶТ барои бастани ақди никоҳ розигии ҳамдигарии марду зани никоҳшаванда ва синни никоҳӣ доштани онҳо зарур аст. Мувофиқи муқаррароти моддаи 13 Кодекси мазкур синни никоҳӣ аз ҳаждаҳсолагӣ муайян карда шудааст. Дар ҳолатҳои истисноӣ суд ҳуқуқ дорад дар асоси хоҳиши шахсони никоҳшаванда синни никоҳии барои марду зан муқарраршударо ба мӯҳлати на бештар аз як сол кам кунад.

**6. Ман дар никоҳи динӣ бо шавҳарам қарор дорам. Фаҳмидан мехоҳам, ки оё дар ин маврид дар шаҳодатномаи таваллуди кӯдаконам**

**шавҳарам ҳамчун падар навишта мешавад ва насаби ӯро ба фарзандонам додан мумкин аст?**

Моддаи 16 Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» нишон медиҳад, ки қонунгузор ба сифати асоси бақайдгирии давлатии таваллуд доштани ақди никоҳи қонунии волидонро пешбинӣ накардааст. Бақайдгирии давлатии таваллуди кудакони аз никоҳи динӣ таваллудёфта низ тибқи тартиби муқарраргардида сурат гирифта, танҳо тартиби ворид намудани маълумотҳо оиди падарӣ фарқ карда мешавад. Мутобиқи муқаррароти моддаи 19 Қонуни дар боло зикршуда, дар сурате, ки агар падару модари кӯдак дар ақди никоҳи қонунӣ қарор надошта бошанд, маълумот оиди факти модарӣ ба ҳуҷҷати сабти аснод аз рӯи асосҳои пешбининамудаи моддаи 16 Қонуни мазкур дохил карда шуда, маълумот оиди факти падарӣ дар ҳолатҳои зерин ворид карда мешавад: 1) дар асоси сабти аснод оиди муқаррар намудани падарӣ; 2) бо аризаи модари кӯдак дар ҳолате, ки агар падарӣ муқаррар нашуда бошад. Дар мавриди дуюм насаби кӯдак бо насаби модар навишта шуда, ном ва номи падари кӯдак тибқи нишондоди модар навишта мешавад. Аз ин рӯ мизоҷро зарур аст тибқи тартиби муқарраршуда, бо ҳамроҳии шавҳараш ба мақомоти САҲШ-и ҷойи истиқомати худ ё ҷойи

истиқомати шавҳараш бо аризаи муштарак оиди муқаррар намудани падарӣ мурочиат намояд. Дар аризаи муштараки муқаррар намудани падарӣ зану шавҳар нишон медиҳанд, ки ба кӯдак пас аз бақайдгирии муқаррар намудани падарӣ кадом насаб дода мешавад. Аз ин рӯ, вобаста ба моҳияти масъала дар ин сурат шавҳари мизоҷ дар шаҳодатномаи таваллуд ҳамчун падари кӯдак навишта мешавад.

**7. Яке аз хешовандонам, ки арусшавандаи оянда ба ҳисоб меравад алҳол 17-сола буда дар шаҳри Душанбе зиндагонӣ мекунад. Ӯ бо ҷавони 18-сола, ки дар н. Деваштич зиндагонӣ мекунад мехоҳад оила барпо кунад. Фаҳмидан мехохам, ки оё онҳо ҳуқуқи бастани ақди никоҳро доранд?**

Мутобиқи талаботи моддаи 12 Кодекси оилаи ҶТ барои ақди никоҳ розигии ҳамдигарии марду зани никоҳшаванда ва синни никоҳӣ доштани онҳо зарур аст. Дар сурати ҷой доштани монеаҳои ақди никоҳ, ки дар моддаи 14 Кодекси оилаи ҶТ пешбини шудааст ақди никоҳ баста намешавад. Мутобиқи талаботи моддаи 13 Кодекси мазкур синни никоҳӣ барои марду зан аз ҳаждаҳсолагӣ муқаррар карда шудааст. Дар ҳолатҳои истисноӣ суд метавонад синни никоҳиро дар асоси хоҳиши шахсони никоҳшаванда ба мӯҳлати то як сол кам кунад. Ариза тибқи пешбурди алоҳида дар

суди маҳалли истиқомати шахсе, ки синнаш кам карда мешавад, баррасӣ карда мешавад. Ҳуқуқи муроҷиат намудан ба суд оиди ин масъала аз синни 17-солагӣ фаро мерасад. Аз ин рӯ, хешатон ҳуқуқ дорад, ки ба суди маҳалли истиқомати худ бо ариза оиди кам намудаи синни никоҳӣ муроҷиат намояд. Дар сурати кам кардани синни никоҳӣ аз ҷониби суд хеши Шумо ҳуқуқи бастани ақди никоҳро пайдо мекунад.

**8. Ман мехоҳам фаҳмам, ки ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом монеаҳои нави ақди никоҳ ворид карда шудаанд?**

Мутобиқи тағйироту иловаҳо, ки ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 15.03.2016 сол таҳти №1290 ворид карда шудаанд, ақди никоҳ байни шахсони зерин манъ аст: 1) байни фарзандони бародарон, хоҳарон, бародару хоҳар; 2) байни тағо ва ҷиян, амак ва бародарзода, хола ва хоҳарзода, амма ва ҷиян; 3) байни шахсоне, ки аз як зан шир макидаанд; 4) байни шахсоне, ки аз муоинаи ҳатмии тиббӣ нагузаштаанд.

**9. Оё фарзанди ман, ки ба синни 20-солагӣ расидааст бо духтари хоҳарам, ки ӯ низ 20-сола аст дар айни замон ақди никоҳ баста метавонад?**

Мутобиқи тағйироту иловаҳое, ки ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.03.2016 сол

тахти №1290 ворид карда шуд бастани ақди никоҳ байни фарзандони бародару хохар манъ аст. Тағйироти мазкур аз 01.07.2016 мавриди амал қарор дода шудааст.

**10. Ман мехоҳам бо духтари холаам оила барпо намоям, аммо аз шиносҳоям фаҳмидам, ки қонуни наве қабул шудааст, ки байни хешу табори наздик оила барпо намуданро манъ кардааст. Оё ман ҳуқуқ дорам, ки бо духтари холаам қонунан оила барпо намоям ё не?**

Не. Пас аз иловаҳо ба моддаи 14 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.03.2016 сол, ин кодекс ақди никоҳро байни фарзандони бародарон, хоҳарон, бародару хоҳарро манъ кардааст.

**11. Духтари холаи ман талабаи мактаб мебошад ва он 16 сола мебошад. Шароити зиндагии холаи ман бениҳоят вазнин мебошад, оё мувофиқи қонун холаи ман метавонад ин духтаршро ба шавҳар диҳад?**

Мувофиқи моддаи 13 Кодекси оилаи ҶТ қонунгузор синни никоҳиро аз 18 солагӣ муқаррар намудааст. Ҳамчунин ба мизоҷ фаҳмонида шуд, ки дар ҳолатҳои истисноӣ суд ҳуқуқ дорад дар асоси хоҳиши шахсони никоҳшаванда синни никоҳӣ дар моддаи дар боло муқарраршударо барои шахсони никоҳшавандаро кам кунад, ки ин ҳам бошад на бештар аз як сол, яъне аз 17 солагӣ муқаррар кунад.

**12. Зану шавҳар аз зиндагии якҷояашон дорои фарзандони ноболиғ нестанд барои бекор кардани ақди никоҳ ҳар ду ҷониб розӣ ҳастанд. Аммо шавҳараш ба бекор намудани ақди никоҳ ҳозир намешавад. Шаҳрванд фаҳмидан мехоҳад, ки ақди никоҳи онҳо чӣ тавр бояд бекор карда шавад?**

Мутобиқи талаботи моддаи 18 Кодекси оилаи ҶТ ақди никоҳ бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» дар мақомоти САҲШ ва дар ҳолатҳои пешбинамудаи моддаҳои 21-24 Кодекси оилаи ҶТ бо тартиби судӣ бекор карда мешавад. Чуноне, ки аз ҳолати кор маълум аст шавҳар ба бекор кардани ақди никоҳ розӣ мебошад вале ба мақомоти САҲШ барои пешниҳоди аризаи муштарак ҳозир намегардад. Аз ин рӯ, ақди никоҳи онҳо мутобиқи талаботи моддаи 21 Кодекси номбурда бо тартиби судӣ бекор карда мешавад. Он молу мулке, ки зану шавҳар дар давраи заношӯи ҷамъоварӣ намудаанд ҳангоми бекор кардани ақди никоҳ байни онҳо бо ҳиссаҳои баробар тақсим карда мешавад.

**13. Ман аз соли 2000 ин ҷониб бо шаҳрванди Ҷумҳурии Озарбойҷон дар қайди никоҳи мусулмонӣ қарор дорам. Аз никоҳи якҷоя 3 фарзанди ноболиғ дорем ва ҳамаи фарзандон бо роҳи муқаррар намудани падарӣ шаҳодатномаҳои**

**таваллуд гирифтаанд. Ҳамаи шаҳодатномаҳои таваллудро аз Раёсати САҲШ-и шаҳри Москваи Федератсияи Россия гирифтаам. Айни ҳол барои гузаронидани таътили тобистона ман ба Тоҷикистон омадаам ва падару модарам боисрор талаб карда истодаанд, ки бигзор ману шавҳарам аз ақди никоҳи қонунӣ гузарем. Аз ҳимин сабаб донистан мехоҳам, ки шарту шароити аз қайди никоҳ гузаштан бо шаҳрванди хориҷӣ дар Тоҷикистон чӣ гуна сурат мегирифта бошад?**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи моддаи 12 Кодекси оилаи ҶТ, агар яке аз тарафҳои никоҳшаванда шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд бошад, шартҳои иловагии зерин талаб карда мешаванд: - истиқомат дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон на камтар аз як соли охир: - бастани аҳдномаи никоҳ ба таври ҳатмӣ. Инчунин, тибқи моддаи 41 Кодекси оилаи ҶТ бастани аҳдномаи никоҳе, ки яке аз тарафҳои никоҳшаванда шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд мебошад, ҳатмӣ буда, он бояд то ба қайд гирифтани ақди никоҳ баста шавад. Аз он сабаб, ки шавҳаратон умуман дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагонӣ накардааст, ба талаботи моддаи 12 Кодекси зикргардида ҷавобгӯ намебошад. Шумо метавонед дар асоси қисми 2 моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии сабти асноди ҳолати

шаҳрвандӣ» ба муассисаи консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давлати хориҷие, ки дар он ҷо истиқомат мекунед, ариза пешниҳод намоед.

**14. Оё мӯҳлати якмоҳаеро, ки мақомоти Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба шахсони никоҳшавнда ҳангоми бақайдгирии давлатии ақди никоҳ медиҳад кам кардан мумкин аст?**

Бале. Мутобиқи талаботи моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» бақайдгирии давлатии ақди никоҳ бо риоя намудани тартиби пешбининамудаи қонунгузории оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷо оварда мешавад. Бақайдгирии давлатии ақди никоҳ пас аз гузаштани як моҳ аз рӯзи ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ аризаи муштарак додани шахсоне, ки хоҳиши ақди никоҳ карданро доранд, ба ҷо оварда мешавад. Дар асоси аризаи муштараки никоҳшавандагон мӯҳлати муқаррарнамудаи қисми 2 ҳамин модда метавонад аз тарафи роҳбари мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, дар шаҳрак ва деҳот бошад, аз тарафи раиси ҷамоати шаҳрак ва деҳот бо асосҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйир дода шавад. Аз ин муқаррарот бармеояд, ки мӯҳлати якмоҳаро кам кардан мумкин аст.

## АҲДНОМАИ НИКОҲ




**15. Ман бо занам 06.11.1991 сол ба тариқи қонунӣ оиладор шудем ва ҳамагӣ 15 рӯз бо ҳам зиндагонӣ кардем, аз 21 ноябри соли 1991 хоҷагии умумӣ пеш намебарем, баъдан моҳи сентябри соли 2000 бо дигар зан ба тариқи мусулмонӣ ақди никоҳ бастем аз зиндагии якчояамон соҳиби 3 фарзанд гаштем. Аз ҳамин лиҳоз мехостам, ки бо зани қонуниам ақди никоҳамро бекор карда, бо зане, ки зиндагонӣ карда истодаам, ақди никоҳамро қонунӣ кунам.**

Аз суханони Шумо бармеояд, бо зане, ки ақди никоҳи қонунӣ доред соҳиби фарзандони умумӣ нашудаед. Дар ин маврид никоҳ дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ” амалӣ мегардад. Тибқи талаботи моддаи 42 Қонуни мазкур ҳангоми мавҷуд будани розигии мутақобилаи ҳамсарон барои бекор кардани ақди никоҳ, ки аз ҳамин ақди никоҳ фарзандони умумии ноболиғ надоранд,

ақди никоҳ дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ бекор карда мешавад.

Ҳамсароне, ки хоҳиши бекор кардани ақди никоҳро доранд, ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар шакли хаттӣ аризаи муштаракро оид ба бекор кардани ақди никоҳ пешниҳод менамоянд. Ба ариза дар бораи бекор кардани ақди никоҳ бояд шаҳодатномаи ақди никоҳ низ замима карда шавад.

Агар зане, ки бо ӯ никоҳи қонунӣ доред барои бекор кардани ақди никоҳ розӣ набошад ин дам тибқи моддаи 21 Кодекси оилаи Ҷумхурии Тоҷикистон никоҳ аз тарафи суд дар сурати фарзандони ноболиғ доштани зану шавҳар, ба истиснои ҳолатҳои дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» пешбинигардида ё дар сурати ба бекор кардани никоҳ рози набудани зан ё шавҳар, бекор карда мешавад. Дар ин ҳолат Шумо метавонед бо аризаи даъвогӣ ба суди маҳалли ҷойи истиқомати ҷавобгар, яъне занатон дар бораи бекор кардани ақди никоҳ муроҷиат намоед.

**16. Ман ба наздикӣ хонадор мешавам, мехоҳам дар бораи Ахдномаи никоҳ ягон маълумот дошта бошам.**

Моддахои 40-45 Кодекси оилаи ҶТ муқаррар кардаанд, ки аҳдномаи никоҳ - созишномаи

шахсоне мебошад, ки никоҳ мекунанд ё созишномаи зану шавҳар аст, ки ҳуқуқи молу мулки ва ӯҳдадориҳои онҳоро дар давраи заношӯи ва (ё) дар ҳолатҳои бекор кардани он муайян менамояд.

Аҳдномаи никоҳ метавонад ҳам то бақайдгирии давлатии никоҳ ва ҳам дар ҳар вақти давраи заношӯи баста шавад. Аҳдномаи никоҳ, ки то бақайдгирии давлатии ақди никоҳ баста шудааст, аз рӯзи бақайдгирии давлатии ақди никоҳ эътибор пайдо мекунад. Бастани аҳдномаи никоҳе, ки яке аз тарафҳои никоҳшаванда шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд мебошад, ҳатмӣ буда, он бояд то ба қайд гирифтани ақди никоҳ баста шавад. Аҳдномаи никоҳ дар шакли хатти баста шуда, бояд аз ҷониби нотариус тасдиқ карда шавад. Риоя накардани ин расмиёт боиси беэътибор донистани аҳднома мегардад.

**17. Ман фаҳмидан мехоҳам, ки оё Аҳдномаи никоҳро баъди туй шудан низ бастан мумкин аст?**

Бале. Тибқи моддаи 41 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳдномаи никоҳ метавонад ҳам то бақайдгирии давлатии никоҳ ва ҳам дар ҳар вақти давраи заношӯи баста шавад.

Аҳдномаи никоҳ, ки то бақайдгирии давлатии ақди никоҳ баста шудааст, аз рӯзи бақайдгирии давлатии ақди никоҳ эътибор пайдо мекунад.

Аҳдномаи никоҳ дар шакли хаттӣ баста шуда,

бояд аз ҷониби нотариус тасдиқ карда шавад. Риоя накардани ин расмиёт боиси беэътибор донистани аҳднома мегардад.

## ҚАТЪИ НИКОҲ




**18. Ману шавҳарам оила барпо карда будем. Никоҳи мо дар бахши САҲШ ба қайди давлатӣ гирифта шуда буд. Аз ин никоҳ соҳиби як фарзанд шудем, ки он хамагӣ 8 моҳа мебошад. Баъди Таваллуди фарзандамон шавҳарам ба Федератсияи Россия барои руйпуш кардани карзҳои маблағи тӯй рафт. Баъди рафтани шавҳарам муносибати хушдоманам бо ман тамоман дигар шуд. Бо ҳар баҳонае ба ҳамсарам занг зада, маро паст мезад. Айни ҳол шавҳарам аз Федератсияи Россия ба ман занг зада гуфт, ки дигар бо ман зиндагонӣ кардан намехоҳад. Донистан мехоҳам, ки тақдири ман чӣ мешавад?**

Қонунгузор дар моддаи 17 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, ки шавҳар ҳуқуқ надорад ҳангоми ҳомиладории зан ва дар давоми якуним соли пас аз таваллуди кӯдак бе розигии зан ба суд оиди бекор кардани

никоҳ даъво пешниҳод намояд. Шумо метавонед то ба синни якуним солагӣ расидани фарзанди ноболиғатон барои бекор кардани аҳди никоҳ бо ташаббуши шавҳаратон розигӣ надиҳед.

**19. Дар кадом ҳолат асоси қатъ гаштани никоҳи давлатӣ вуҷуд дорад?**

Тибқи моддаи 16-и Кодекси оилаи ҶТ никоҳ дар натиҷаи вафот ё яке аз ҳамсаронро фавтида эълон намудани суд қатъ мегардад. Никоҳ бо роҳи бекор кардани он (талоқ) дар асоси аризаи зан ё шавҳар ё ҳардуи онҳо, васии зан ё шавҳаре, ки суд ӯро ғайри қобили амал эътироф намудааст, инчунин прокурор қатъ гардиданаш мумкин аст.

**20. Ман санаи 19 июни соли 1992 бо шавҳарам оиладор шуда, аз зиндагии якҷоя соҳиби 3 (се) фарзанд мебошем. Дар давоми оиладорӣ шавҳарам кирдору рафтори худро нисбати ман ба тарафи манфӣ тағйир дода, дар ин муддат якчанд маротиба даст ба ҷиноят зада, маҳкум гардидааст. Тахминан ду моҳ пеш шавҳарам аз маҳбас озод шуда, ба ҳавлии истиқоматиамон омада, бо ман бесабаб ҷанҷол намуда, доимо иброз мекард, ки бо ман якҷоя зиндагонӣ кардан намехоҳад ва таҳдиди маро куштанро мекард. Аз чунин рафтору кирдори шавҳарам хаста гашта, дилам аз ӯ сард гаштааст ва ба хулосаи**

**катъи омадам, ки ақди никоҳамон бекор карда шавад, аммо шавҳарам барои бекор кардани акди никоҳ розӣ намебошад.**

Дар ин ҳолат Шумо метавонед тибқи талаботи моддаҳои 21 ва 22 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аризаи даъвогӣ ба суди маҳалли истиқомати ҷавобгар, яъне шавҳаратон дар бораи бекор кардани ақди никоҳ муроҷиат намоед. Зеро тибқи моддаҳои зикршуда, никоҳ аз тарафи суд дар сурати фарзандони ноболиғдоштани зану шавҳар, ба истиснои ҳолатҳои дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ” пешбинигардида ё дар сурати ба бекор кардани никоҳ розӣ набудани зан ё шавҳар, бекор карда мешавад. Зимни баррасии парвандаҳо дар бораи бекор кардани никоҳ, дар сурати розӣ набудани зан ё шавҳар барои бекор кардани никоҳ, суд барои ошти додани зану шавҳар тадбирҳо меандешад ва ҳуқуқ дорад, ки баррасии парвандаро мавқуф гузошта, ба зану шавҳар барои оштишави то шаш моҳ мӯҳлат диҳад. ғайр аз ин Шумо метавонед барои таъминоти фарзандони ноболиғатон маблағи алимент рӯёнед.

**21. Ман бо шавҳарам дар қайди қонунии никоҳ мебошем ва никоҳи мо дар ҷамоати деҳотамон ба кайди давлатӣ гирифта шудааст. Аз ҳаёти**

**оилавиамон соҳиби ду фарзанд мебошем. Пас аз таваллуди фарзандон муносибати шавҳарам ва волидайнаш бо ман бад шуд. Соли 2013 ман ба муносибати дағалонаи шавҳарам ва волидону бародараш тоқат карда натавонистам, ба хонаи падару модарам омада, дар он ҷо тахминан 7 моҳ зиндагӣ намудам. Ман маъюби гурӯҳи 2 мебошам, ҷавобгар низ маъюби гурӯҳи 2 мебошад. Ба ҷои он, ки шавҳарам ва хешовандонаш маъюбии маро ба инобат гирифта, лату кӯб накунанд, баръакс онҳо ба лату кӯби ман даст зада, боиси вайроншавии оиламон гардиданд, мехохам ақди никоҳамро бекор кунам.**

Дар ҳолати Шумо бекор кардани ақли никоҳ бо тартиби судӣ амалӣ карда мешавад, зеро Шумо ва шавҳаратон фарзандони ноболиғи умумӣ доред. Барои бекор кардани ақди никоҳ тибки моддаи 21 Кодекси оилаи Чумхурии Точикистон бо аризаи даъвогӣ дар бораи бекор кардани ақди никоҳ Шумо бояд ба суди маҳалли зисти ҷавобгар, ё ин ки маҳалли истиқомати худатон бо аризаи даъвогӣ муроҷиат намоед.

**22. Ман бо занам таи 5 сол дар ақди никоҳи давлатӣ қарор дорам, аммо соҳиби фарзанд нашудем. Дар айни ҳол маро барои кори доимӣ ба дигар давлат таклиф карда истодаанд. Аммо ман мехоҳам, ки аввал никоҳамро бекор кунам**

**баъд ба сафар бароям. Барои ҳамин чӣ кор кунам, зеро оилаи ман барои ҷудо шудан розӣ нест?**

Шумо метавонед бо аризаи даъвогӣ ба суди маҳалли зистатон бо аризаи даъвогӣ оиди бекор кардани ақди никоҳ муроҷиат намоед, зеро никоҳ аз тарафи суд дар сурати ба бекор кардани никоҳ рози набудани зан ё шавҳар, бекор карда мешавад. Мутобиқи қонунгузории оила зимни баррасии парвандаҳо дар бораи бекор кардани никоҳ, дар сурати рози набудани зан ё шавҳар барои бекор кардани никоҳ, суд барои ошти додани зану шавҳар тадбирҳо меандешад ва ҳуқуқ дорад, ки баррасии парвандаро мавқуф гузошта, ба зану шавҳар барои оштишави то шаш моҳ мӯҳлат диҳад. Агар суд муқаррар намояд, ки зиндагии минбаъдаи якҷояи зану шавҳар ва нигоҳ доштани оила имконнопазир гардидааст ва тадбирҳои оштӣ додани зану шавҳар натиҷаи дилхоҳ надоданд, никоҳ бекор карда мешавад.

**23. Бо ҳалномаи суд ақди никоҳи писарам ва келинам бекор карда шудааст. Аммо писарам дар айни замон дар муҳоҷирати меҳнатӣ дар Федератсияи Россия қарор дорад. Гирифтани шаҳодатномаи талоқ хеле барои писарам зарур аст. Фаҳмидан мехохам, ки ба ҷои писарам ман ҳуқуқ дорам, ки шаҳодатномаи бекор кардани ақди никоҳро гирам.**

Барои гирифтани шаҳодатномаи бекор кардани акди никоҳро танҳо худи писаратон ҳуқуқ дорад.

Дар ҳолатҳои зарурӣ ҳангоми дар ҷои дигар сукунат доштан танҳо тариқи Ваколатнома, ки дар идораи нотариалӣ тасдиқ карда шудааст, иҷозат дода мешавад. Аз ин рӯ, ба Шумо зарур аст, ки писаратон ба номи Шумо ваколатномаи дахлдор, ки мувофиқи он Шумо намояндаи писаратон эътироф мешавед, ирсол намояд.

**24. Дар сурати мавҷудияти розигии тарафайн ва надоштани фарзандони ноболиғ ақди никоҳи зану шавҳар бо кадом тартиб ва аз тарафи кадом мақомот бекор карда мешавад?**

Қонунгузор дар моддаи 18 Кодекси оилаи ҶТ тартиби бекор кардани ақди никоҳро муқаррар намудааст, ки мутобиқи он ақди никоҳ дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» дар макомоти САҲШ ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаҳои 21-24 Кодекси оилаи ҶТ бо тартиби судӣ бекор карда мешавад. Чуноне, ки аз моҳияти саволи Шумо бармеояд зану шавҳар барои бекор намудани ақди никоҳ розӣ мебошанд ва аз никоҳи мазкур фарзандони ноболиғ надоранд. Аз ин рӯ, мутобиқи талаботи моддаи 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» ақди никоҳи ингуна шахсон аз тарафи мақомоти САҲШ бекор карда мешавад. Боз дар ингуна мавридҳо вобаста ба ҳолатҳои

кор мутобиқи талаботи моддаи 91 Кодекси оилаи ҶТ зану шавҳари собиқ барои гирифтани алимент аз якдигар ҳуқуқ доранд. Инчунин, зану шавҳар мутобиқи талаботи моддаи 38 Кодекси номбурда ба тақсими моликияти муштараки ҳамдигар ҳуқуқ доранд.

**25. Ҳангоми доштани фарзандони ноболиғ ақди никоҳ чӣ тавр бекор карда мешавад?**

Мувофиқи муқаррароти моддаи 18 Кодекси оилаи ҶТ ақди никоҳ дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ аз рӯи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» ва бо тартиби судӣ мутобиқи муқаррароти моддаҳои 21-24 Кодекси мазкур, бекор карда мешавад. Азбаски, ҳамсарон фарзанди ноболиғ дошта бошанд ақди никоҳ мутобиқи талаботи моддаи 21 Кодекс оилаи ҶТ бо тартиби судӣ бекор карда мешавад.

**26. Ман бо ҳамсарам дар ақди никоҳи расмӣ қарор дорам ва соҳиби як нафар фарзанди хурдсоли умумӣ мебошем. Мо барои бекор кардани ақди никоҳ розӣ ҳастем. Барои ҳамин мехоҳам фаҳмам, ки оё ман метавонам тариқи ваколатнома ақди никоҳамро бекор кунам, зеро ман ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба Федератсияи Россия меравам.**

Мутобиқи талаботи моддаи 50 Кодекси мурофиавии граждании ҶТ шаҳрвандон ҳуқуқ доранд пешбурди парвандаро дар суд тавассути намоянда ё бо иштироки шахсии худ пеш баранд. Дар қонунгузории ҷорӣ оиди иштироки бевоситаи шахс ҳангоми бекор кардани ақди никоҳ муқаррарот ҷой надорад. Аз ин рӯ мизоҷ метавонад ақди никоҳро тавассути намоянда бекор кунад. Мутобиқи талаботи моддаи 56 Кодекси мазкур бояд чунин ваколат бевосита дар ваколатнома дарҷ карда шавад. Аз ин рӯ, Шумо метавонед барои ба расмиятдарории ваколатнома ба нотариус муроҷиат намоед.

**27. Писари хохарам аз 01.03.2014 сол инҷониб дар ақди никоҳи қонунӣ қарор дорад. Онҳо аз ин никоҳи якҷоя дорои фарзандони ноболиги умумӣ нестанд ва ҳардуи онҳо ба бекор намудани ақди никоҳ розӣ мебошанд. Айни замон писари хоҳарам дар Федератсияи Россия аз рӯи даъват хизмати ҳарбиро адо намуда истодааст, зеро ӯ мақоми душаҳрвандиро доро аст. Вай дар айни маврид имкони ҳозир шудан ба Тоҷикистонро надорад.**
**Барои ҳамин мехоҳам фаҳмам, ки ақди никоҳи онҳо чӣ тавр бекор карда мешавад?**

Мутобиқи талаботи моддаи 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии

давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» ҳангоми мавҷуд будани розигии мутақобилаи ҳамсарон, ки аз ҳамин ақди никоҳ фарзанди умумии ноболиғ надоранд ақди никоҳи онҳо дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ бекор карда мешавад. Зану шавҳар ба мақомоти САҲШ аризаи муштарак пешниҳод намуда, дар он шаҳодатномаи ақди никоҳро замима менамоянд. Агар яке аз ҳамсарон имконияти ҳозир шудан ба мақомоти САҲШ-ро ҷиҳати пешниҳоди аризаи муштарак оиди бекор намудани ақди никоҳ надошта бошад, он гоҳ изҳори иродаи онҳо метавонад тибқи пешниҳоди аризаи алоҳида ба расмият даровварда шавад. Имзои аризаи ҳамсаре, ки имкони ҳозир шудан ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандиро надорад бояд дар идораи нотариалии давлати тасдиқ карда шавад. Бекор намудани ақди никоҳ ва қайди давлатии бекор намудани он пас аз гузаштани як моҳ аз рӯзи пешниҳоди аризаи муштарак оиди бекор намудани ақди никоҳ дар ҳузури ҳардуи ҳамсарон ё яке аз онҳо ба ҷо оварда мешавад.Боз писари хоҳаратон метавонад ба номи яке аз хешовандони наздикаш аз Федератсияи Россия ваколатнома ба ҷо оварда ирсол намоят, то ки манфиати ӯро дар суд намояндаги кунад.

**28. Ману шавҳарам соли 2014 ба тариқи расмӣ хонадор шудем ва никоҳамон дар шӯъ-**

**баи САҲШ-и маҳалли зистамон ба қайди давлатӣ гирифта шуд. Аммо бинобар ба ҳам мувофиқ омадани гурӯҳи хунамон мо фарзанддор шуда натавонистем. Ман ояндаи пойдории оилаи худро намебинам ва мехоҳам аз шавҳарам ҷудо шавам. Барои ҳамин чӣ кор кунам?**

Дар асоси моддаи 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ» ҳангоми мавҷуд будани розигии мутақобилаи ҳамсарон барои бекор кардани ақди никоҳ, ки аз ҳамин ақди никоҳ фарзандони умумии ноболиғ надоранд, ақди никоҳ дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ бекор карда мешавад.

Ҳамсароне, ки хоҳиши бекор кардани ақди никоҳро доранд, ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар шакли хаттӣ аризаи муштаракро оид ба бекор кардани ақди никоҳ пешниҳод менамоянд. Ба ариза дар бораи бекор кардани ақди никоҳ бояд шаҳодатномаи ақди никоҳ низ замима карда шавад.

Дар аризаи муштарак дар бораи бекор кардани ақди никоҳ ҳамсарон бояд розигии ҳамдигарро барои бекор кардани ақди никоҳ ва надоштани фарзандони умумии ноболиғ тасдиқ намоянд. Инчунин дар аризаи якҷояи ҳамсарон дар бораи бекор кардани ақди никоҳ бояд маълумоти зерин нишон дода шаванд:

- ном, номи падар, насаб, сана ва ҷойи таваллуд, шаҳрвандӣ, миллат, маҳалли истиқомати ҳар кадоме аз ҳамсарон;
- маълумоти сабти асноди ақди никоҳ;
- насабе, ки ҳар яке аз ҳамсарон ҳангоми бекор кардани ақди никоҳ қабул менамоянд;
- маълумоти ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсияти ҳамсарон;
- сабаби муроҷиати онҳо барои бекор кардани акди никоҳ.

Аз ин рӯ, Шумо метавонед бо шавҳаратон барои бекор кардани ақди никоҳ ба САҲШ-и ҷойи истиқомататон муроҷиат намоед.

## ҲУҚУҚИ МОЛУ МУЛКИИ ЗАНУ ШАВҲАР

**29. Ман бо шавҳарам дар ақди никоҳи мусулмонӣ қарор дорам. Дар ҳуҷҷатҳои фарзандонам фақат насаби ман навишта шудааст. Баъди никоҳи мусулмонӣ никоҳи давлатӣ бақайд гирифта мешавад? Мӯҳлатро нагузарондаем?**




Қонунгузор ягон намуди мӯҳлат барои бастани ақди никоҳи давлатӣ баъди никоҳи динӣ муайян накардааст. Шумо метавонед тибқи моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ» бо шавҳаратон бо тартиби умумӣ ба бахши САҲШ-и ҷойи истиқоматати яке аз шумоён ё ҷойи истиқомати падару модаратон барои ба қайди давлатӣ гирифтани ақди никоҳатон бо ариза муроҷиат намоед.

**30. Писарам соли 2015 оила барпо намуда, ақди никоҳашро дар мақомоти САҲШ ба қайд гирифт. 5-6 моҳ пеш, ақди никоҳ бекор карда шуд ва ҳамсари писарам талаби тақсими хонаи истиқоматиро, ки соҳибмулки он ман мебошам**

**дорад. Оё талаби хамсари писарам ҷиҳати тақсим намудани хонаи истиқоматии дар моликияти зану шавҳар қарор надошта, дуруст мебошад?**

Мутобики талаботи моддаи 34 Кодекси оилаи ҶТ он молу мулке, ки зану шавҳар дар давраи заношӯи ҷамъ кардаанд моликияти муштараки зану шавҳар эътироф карда мешавад. Он молу мулке, ки зану шавҳар то давраи ақди никоҳ доштанд ва ҳамчунин он моликияте, ки онҳо дар давраи дар ақди никоҳ қарор доштан тариқи ҳадя ё мерос гирифтаанд моликияти ҳар кадоме аз зану шавҳар эътироф карда мешавад ва он байни онҳо тақсим намешавад. Аз моҳияти савол бармеояд, ки хонаи истиқоматӣ таҳти моликияти муштараки зану шавҳар қарор надорад, зеро он дар давраи дар ақди никоҳ будани онҳо ба даст оварда нашудааст аз ин рӯ он байни зану шавҳар тақсим карда намешавад ва талаби ҳамсари писаратон беасос аст. Лекин ҳамсари фарзандатон ҳуқуқи маскун шудан ба он хонаи истиқоматиро дорад.

**31. Ман мехоҳам маълумот пайдо кунам, дар давраи дар ақди никоҳ қарор доштан имконияти тақсимоти моликияти муштараки зану шавҳар вуҷуд дорад?**

Мутобиқи талаботи моддаи 34 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон он молу мулке, ки зану шавҳар дар давраи заношӯи ҷамъоварӣ

намудаанд, моликияти муштараки онҳо эътироф карда мешавад. Мутобиқи талаботи моддаи 38 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тақсимоти моликияти муштараки зану шавҳар чӣ дар давраи заношӯи ва чӣ ҳангоми бекор намудани ақди никоҳ сурат гирифта метавонад.

**32. Моликияти муштараки зану шавҳар чӣ тавр тақсим карда мешавад?**

Мутобиқи талаботи моддаи 38 Кодекси оилаи ҶТ моликияти муштараки зану шавҳар мумкин аст дар давраи ақди никоҳ ё ҳангоми бекор намудани он байни зану шавҳар тақсим карда шавад. Ҳиссаи зану шавҳар дар ин намуди моликият баробар дониста мешавад агар ба шарте, ки ин ҳиссаро аҳдномаи никоҳ тағйир надода бошад. Молу мулке, ки зану шавҳар дар давраи заношӯи тариқи мерос ё ҳадя гирифтаанд моликияти ҳар кадоме аз онҳо эътироф карда мешавад.

## ӮҲДАДОРИИ АЛИМЕНТДИҲИИ ВОЛИДОН ВА ФАРЗАНДОН




**33. Ман бо шавҳарам дар асоси қонун оиладор шуда, никоҳамонро дар ҷамоати шаҳраки ҷои истиқоматамон ба расмият даровардем. Аз зиндагии якҷоя соҳиби як фарзанд мебошем. Бинобар байни мо ҷанҷоли оилавӣ ба миён омадан қариб як сол мешавад, ки мо якҷоя ҳамчун зану шавҳар зиндагонӣ намекунем ва бо ҳам хоҷагии умумӣ пеш намебарем. Ман ҳоло ҳамроҳи як нафар фарзандам дар хонаи волидонам истиқомат намуда, дар таъминоти моддии волидонам қарор дорам. Бо сабаби хурдсол будани фарзандам ба нигоҳубини он машғл буда, дар ягон ҷой кор намекунам ва ягон сарчашмаи даромад надорам ва барои ман таъминот ва нигоҳубини фарзандам аз ҷиҳати моддӣ танқисӣ кашида истодаам. Вобаста ба ситонидани алимент барои таъминоти фарзандони ноболиғ ва ёрии моддӣ ба ҳамсар то се сола шудани кӯдак чӣ кор кардан лозим?**

Қонунгузор ба Шумо ҳуқуқ додааст, ки мувофиқи талаботи қисми 1 моддаи 83 Кодекси

оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми набудани созишномаи падару модар дар хусуси пардохти алимент ба кӯдакони ноболиғ ва дар ҳолате, ки агар падар ё модари алиментдиҳанда музди кор ва ё даромади дигари номунтазам ё тағйирёбанда дошта бошад, ё агар ин падар ё модар музди меҳнату даромади дигарро пурра ё қисман дар шакли асл (натура) ё асъори хориҷӣ гирад, инчунин ҳангоми нагирифтани музди меҳнат ва (ё) даромади дигар, инчунин дар ҳолатҳои дигаре, ки ситонидани алимент вобаста аз ҳиссаи музди меҳнат ва даромади дигари падар ё модар имконнопазир, мушкил ё манфиати яке аз тарафҳоро моҳиятан халалдор созад, суд метавонад андозаи алиментиҳармоҳа ситонидашавандаро ба маблағи устувор ва ё ҳамзамон дар шакли ҳисса (мутобиқи моддаи 81 ҳамин Кодекс) ва бо маблағи устувор муайян намояд.

Инчунин тибқи талаботи қисми 1 моддаи 90 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон зану шавҳар вазифадоранд якдигарро аз ҷиҳати моддӣ дастгирӣ намоянд ва тибқи сархати дуюми қисми 2 ҳамин модда Шумо метавонед дар давоми се соли пас аз таваллуди фарзанди умумӣ аз ҳамсари худ бо тартиби судӣ пардохти алиментро талаб намоед.

**34. Духтарам аз шавҳараш ҷудо шуда соҳиби як фарзанди ноболиғ мебошад, бо ҳалномаи суд аз шавҳараш ба тариқи устувор барои нигоҳубини фарзанди ноболиғ 150 сомонӣ ҳар моҳ алимент мерӯёнад, ҳоло бошад собиқ шавҳараш дар "НБО Роғун" кор мекунаду 2500 сомонӣ маош мегирад. Духтарам метавонад аз ҳисоби маоши шавҳараш алимент рӯёнад?**

Бале. Ҳангоми мавҷуд набудани созишнома дар хусуси пардохти алимент барои фарзандони ноболиғ суд аз волидони онҳо ҳар моҳ ба андозаи зерин алимент мерӯёнад барои як фарзанд чорьяк, барои ду фарзанд сеяк, барои се фарзанд ва зиёда аз он - нисфи музди меҳнат ва даромади дигари волидон. Дар ҳолате шавҳари духтаратон ҷои кори муайян дораду маош мегирад, бо дастрас намудани маълумотнома оиди музди меҳнати шавҳар, духтаратон метавонад дар асоси моддаи 81-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои як фарзанд ҳар моҳ ба андозаи чоряки маош (25%) алиментро талаб намояд, ки аз 2 500 сомонӣ - 625 сомониро ташкил медиҳад.

**35. Оё дар давраи дар ақди никоҳ қарор доштани волидон барои нигоҳубини фарзандони ноболиғи онҳо алимент ситонидан мумкин аст?**

Таҳлили қонунгузории ҷории оилави нишон медиҳад, ки қонунгузор дар ягон маврид пардохти

алиментро барои нигоҳубини фарзадони ноболиғ ба бекор намудани ақди никоҳ ё дар ақди никоҳи қонунӣ қарор доштан вобаста наменамояд. Мутобиқи талаботи моддаи 80 Кодекси оилаи ҶТ волидон вазифадоранд, ки фарзандони ноболиғи худро таъмин намоянд. Шаклу усулҳои таъмини фарзандонро волидон ҳуқуқ доранд мустақилона муқаррар намоянд. Пардохти алиментро волидон ҳуқуқ доранд тибқи созишномаи пардохти алимент, ки тариқи нотариалӣ тасдиқ карда шудааст, ба роҳ монанд.Вобаста ба саволатон аз нуқтаи назари қонунгузорӣ мумкин аст, ки дар давраи заношӯи аз волидон барои таъминоти фарзанди ноболиғ алимент рӯёнида шавад.

**36. Дар асоси ҳалномаи судӣ, ки панҷ сол пеш баромадааст аз собиқ шавҳарам барои таъмини як нафар фарзандам ба андозаи 90 сомонӣ алимент рӯёнида шудааст. Фарзандам мехоҳад, ки тахсилашро дар муассисаи таҳсилоти олӣ давом диҳад. Оё фарзандам дар давраи таҳсил дар мактаби олӣ аз падараш алимент гирифта метавонад?**

Бале. Мутобики талаботи моддаи 86 Кодекси оилаи ҶТ суд метавонад барои фарзандони ба синни балоғат расида, ки донишҷуёни таҳсили рӯзонаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касби мебошанд, мутаносибан то ба синни бист солагӣ ва бисту чор солагӣ расиданашон аз

волидон алимент ситонад. Андозаи алименти ҳар моҳ бо пули устувор ситонидашаванда аз тарафи суд бо назардошти вазъи моддию оилавӣ ва манфиатҳои қобили таваҷҷуҳи тарафҳо муайян карда мешавад. Аз ин рӯ фарзанди мизоҷ дар давраи таҳсил метавонад аз падараш то ба синни 24 солагӣ расидан алимент гирад. Ситонидани алимент дар ин маврид ҳуқуқи суд аст.

**37. Ҳангоми бадқасдона саркашӣ намудани падару модар аз таъминоти фарзандон чӣ гуна ҷавобгарӣ мавҷуд аст?**

Мутобиқи талаботи моддаи 80 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон волидон вазифадоранд, ки фарзандони ноболиғ ва болиғи худро таъмин намоянд. Ҳангоми бадқасдона саркашӣ намудани падару модар аз таъминоти фарзандон он тибқи муқаррароти моддаи 177 Кодекси ҷиноятии ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро ба миён меорад. Албатта шартҳои фаророасии ҷавобгарии ҷиноятӣ тибқи ин модда дар худи моддаи мазкур нишон дода шудааст.

## ТАРТИБИ ПАРДОХТ ВА СИТОНИДАНИ АЛИМЕНТ




**38. Бо ҳалномаи суд аз ҳисоби ман ба фоидаи собиқ занам барои нигоҳубини 2 кӯдаки ноболиғамон ба андозаи 300 сомонӣ алимент рӯёнида шудааст. Дар айни ҳол ман оиладор ва фарзандор шудаам. Дар ягон ҷой кор намекунам. Барои ҳамин мехоҳам фаҳмам, ки аз рӯи қонун имконияти кам кардани андозаи алимент аст?**

Бале. Тибқи муқаррароти моддаи 120 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар ҳангоми набудани созишномаи тарафҳо оид ба пардохти алимент баъди тибқи тартиби судӣ муқаррар намудани андозаи алимент вазъи моддӣ ва оилавии алиментдиҳанда ё алиментгиранда тағйир ёфта бошад, суд ҳуқуқ дорад бо талаби ҳар яки онҳо андозаи муқарраргардидаи алиментро кам кунад ё алиментдиҳандаро аз додани он озод намояд. Ҳангоми тағйир додани андозаи алимент ё озод кардан аз додани он суд метавонад инчунин ҳар гуна манфиати дигари қобили таваҷҷӯҳи тарафҳоро ба инобат гирад.

**39. Бо халномаи суд барои таъмини фарзанди ноболиғам аз шавҳарам 180 сомони рӯёнида шуда буд. Аммо дар айни ҳол ин маблағ барои таъминоти фарзандам кофӣ нест. Ягон роҳи зиёд кардани алимент вуҷуд дорад?**

Бале. Мувофиқи талаботи кисми 1 моддаи 120 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар ҳангоми набудани созишномаи тарафҳо оид ба пардохти алимент баъди тибқи тартиби судӣ муқаррар намудани андозаи алимент вазъи моддӣ ва оилавии алиментдиҳанда ё алиментгиранда тағйир ёфта бошад, суд ҳуқуқ дорад бо талаби ҳар яки онҳо андозаи муқарраргардидаи алиментро кам кунад ё алиментдиҳандаро аз додани он озод намояд. Ҳангоми тағйир додани андозаи алимент ё озод кардан аз додани он суд метавонад инчунин ҳар гуна манфиати дигари қобили таваҷҷӯҳи тарафҳоро ба инобат гирад.

**40. Бо шавҳарам дар асоси қонун оиладор шуда, никоҳамонро дар ҷамоати деҳоти ҷойи истиқоматамон ба расмият даровардем. Аз зиндагии якҷояамон соҳиби ду нафар фарзанд гаштем. Бинобар байни ману шавҳарам ҷанҷоли оилавӣ ба миён омадан мо якҷоя ҳамчун зану шавҳар аз моҳи сентябри соли ҷори зиндагонӣ намекунем ва бо ҳам хоҷагии умумӣ пеш намебарем. Айни ҳол бо нигоҳубини фарзандам машғул буда, дар**

**ягон ҷой кор намекунам ва ягон сарчашмаи даромад надорам, барои таъминот ва нигоҳубини фарзандонам аз ҷиҳати моддӣ танқисӣ кашида истодаам. Шавҳарам бошад аз таъминоти моддии фарзандонаш саркашӣ карда истодааст ва хоҳиши ихтиёран кӯмак расониданро надорад. Мехоҳам фаҳмам, ки ман метавонам аз шавҳарам алимент талаб кунам?**

Бале. Агар шавҳаратон ҷойи кори доимӣ дошта бошад ва ҳангоми мавҷуд набудани созишнома дар хусуси пардохти алимент барои фарзандони ноболиғ суд аз волидони онҳо ҳар моҳ ба андозаи зерин алимент мерӯёнад барои як фарзанд чорьяк, барои ду фарзанд сеяк, барои се фарзанд ва зиёда аз он - нисфи музди меҳнат ва даромади дигари волидон. Агар падар ё модари алиментдиҳанда музди кор ва ё даромади дигари номунтазам ё тағйирёбанда дошта бошад, ё агар ин падар ё модар музди меҳнату даромади дигарро пурра ё қисман дар шакли асл (натура) ё асъори хориҷӣ гирад, инчунин ҳангоми нагирифтани музди меҳнат ва (ё) даромади дигар, инчунин дар ҳолатҳои дигаре, ки ситонидани алимент вобаста аз ҳиссаи музди меҳнат ва даромади дигари падар ё модар имконнопазир, мушкил ё манфиати яке аз тарафҳоро моҳиятан халалдор созад, суд метавонад андозаи алименти ҳармоҳа ситонидашавандаро ба маблағи устувор муайян намояд.

**41. Оё вобаста ба шароити моддӣ аз пардохти алимент барои таъмини фарзандони ноболиғ озод кардан мумкин аст?**

Мутобиқи муқаррароти моддаи 80 Кодекси оилаи ҶТ волидон вазифадоранд, ки фарзандони ноболиғи худро таъмин намоянд. Шаклу усулҳои таъмини фарзандонро волидон ҳуқуқ доранд мустақилона муқаррар намоянд.

Аммо қонунгузор тибқи моддаи 120 Кодекси оилаи ҶТ ба суд ҳуқуқ додааст, ки дар ҳолати тағйир ёфтани вазъи оилавӣ ва моддии алиментсупоранда ё алиметгиранда андозаи алименти бо тартиби судӣ муқарраршударо тағйир диҳад ва ё алиментсупорандаро аз пардохти алимент озод намояд. Озод кардани алиментсупоранда аз пардохти алимент ҳуқуқи суд мебошад, на ӯҳдадорӣ.

**42. Писарам оила барпо намуда, бо сабаби якдигарнофаҳмӣ аз ҳамсараш ҷудо шуд. Аз ин никоҳ онҳо соҳиби як нафар фарзанди ноболиғи 4-сола гардиданд. Барои фарзанди ноболиғ суд дар ҳаҷми 120 сомонӣ алимент муқаррар намудааст, аммо ҳамсари фарзандам мехоҳад, ки андозаи алиментро зиёд намояд. Ҳол он ки писарам дар ягон ҷой кор намекунад илова бар ин чанд муддат гирифтори бемории сил гардида, дар қайди беморхона қарор дорад. Гарчанде,**

**ҳозир дар қайди бемориҳои сил қарор надошта бошад ҳам, аммо вазъи саломатиаш чандон хуб нест. Илова ба он ӯ соҳиби ду нафар фарзанди ноболиғ аст. Сарчашмаи даромади мустақил надорад ва вазъи моддиаш аз пештара вазнинтар гардида ҳамсараш дар ягон ҷой кор намекунад. Оё собиқ ҳамсари писарам дар чунин сурат имконияти зиёд кардани андозаи алиментро дорад?**

Мутобиқи талаботи моддаи 120 Кодекси оилаи ҶТ қонунгузор ба суд ҳуқуқ додааст, ки дар ҳолати тағйир ёфтани вазъи оилавӣ ва моддии алиментсупоранда ё алиментгиранда андозаи алименти бо тартиби судӣ муқарраршударо тағйир диҳад ва ё алиментсупорандаро аз пардохти алимент озод намояд. Чуноне, ки аз ҳолатҳои масъала маълум аст вазъи моддии алиментсупоранда дар ҳолати аввала боқӣ монда баръакс вазнин гаштааст ва ӯ соҳиби ду нафар фарзанди ноболиғ гардидааст ва ягон гуна манбаи даромади иловагӣ пайдо накардааст. Аз ин рӯ, асосҳое, ки барои тағйир додани андозаи алимент зарур мебошанд вуҷуд надоранд. Лекин қонунгузор тағйир додани андозаи алименти таъингардидаро дар чунин мавридҳо ба салоҳияти суд вогузор намудааст, ки ин албатта ҳуқуқи суд аст, суд ӯҳдадор намебошад. Илова ба ин мувофиқи талаботи моддаи 120 Кодекси мазкур суд хангоми тағйир додани андозаи

алимент ҳуқуқ дорад дигар ҳолатҳои қобили таваҷҷуҳи тарафҳоро ба инобат гирад.

**43. Дар ҳолати пайдо гардидани сарчашмаҳои иловагии даромади шахси алиментсупоранда оё шахси алиментгиранда ҳуқуқи талаби зиёд намудани андозаи алименти таъингардидаро дорад?**

Мувофиқи моддаи 120 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми мавҷуд набудани созишномаи пардохти алимент ва таъин гардидани он тибқи тартиби судӣ вазъи моддӣ ва оилавии алиментсупоранда ё алиментгиранда тағйир ёбад, суд ҳуқуқ дорад бо талаби яке аз тарафҳо андозаи алименти бо тартиби судӣ таъингардидаро тағйир диҳад ва ё алиментсупорандаро аз пардохти алимент озод намояд. Дар мавриди мазкур мизоҷро зарур аст, ки ба суд оиди зиёд намудани андозаи алимент ариза пешниҳод намуда, ба ариза далелҳоро ҷиҳати пайдо шудани сарчашмаи иловагии даромади алиментсупоранда замима намояд.

**44. Ман бо шавҳарам ба тариқи никоҳи давлатӣ оиладор шудаам ва аз ин никоҳ як нафар кӯдак дорам. Аммо шавхарам маро бо кӯдакам аз хона пеш карда, гуфт, ки хоҳиши бо ман зиндагонӣ кардан надорад. Дар айни ҳол**

**ман дар хонаи модарам зиндагонӣ мекунам ва шароити зиндагониам на он қадар хуб мебошад. Намедонам ба куҷо муроҷиат намоям?**

Волидон вазифадоранд, ки фарзандони ноболиғи худро таъмин намоянд. Тартибу шаклҳои таъминоти фарзандонро волидон мустақилона муайян менамоянд. Волидон ҳуқуқ доранд дар мавриди таъминоти фарзандони ноболиғи худ созишнома банданд. Агар волидон фарзандони худро таъмин накунанд, маблағ барои таъминоти онҳо (алимент) аз волидон тибқи тартиби муқаррарнамудаи судӣ ситонида мешавад. Дар ин ҳолат Шумо ҳуқуқ доред барои таъмини фарзанди ноболиғатон бо аризаи даъвогӣ ба суди маҳалли истиқомати шавҳаратон барои рӯёнидани алимент муроҷиат намоед. Инчунин, метавонед бо дигар аризаи даъвогӣ оид ба эътирофи аъзои оилаи молик ва маскун кардан ба хонаи истиқоматие, ки бо шавҳаратон зиндагӣ мекардед муроҷиат намоед.

## ӮҲДАДОРИҲОИ АЛИМЕНТДИҲИИ АЪЗОИ ОИЛА




**45. Ман ба синни 83 расидаам. Дорои 6-нафар фарзанд, чор духтар ва ду писар мебошам. Як нафар писарам гирифтори бемории рӯҳӣ аст. Ҳамаи фарзандонам ба балоғат расидаанд. Ман аз ҳуқуқи падарӣ маҳрум карда нашудаам. Ӯҳдадории худамро нисбати таъминоти фарзандонам пурра иҷро кардаам. Алҳол ба андозаи 248 сомонӣ нафақа мегирам, ки барои ман дар як моҳ намерасад. Илова ба он дар таъминоти ман боз ҳамсари маъюбам ва ду нафар набераи хурдсолам, ки падари онҳо маъюб аст қарор доранд. Писарам К.Ч.Л. қобили меҳнат буда, даромади моддии оилавии хуб дорад. Дигар фарзандонам ба таври мунтазам дар муҳоҷирати меҳнатӣ мебошанд. Аммо ману оилаи маъюбамро аз ҷиҳати моддӣ дастгирӣ наменамояд ва умуман нигохубин намекунад. Байни мо созишномаи пардохти алимент вуҷуд надорад. Барои ҳамин мехоҳам фаҳмам, ки чӣ тавр ман метавонам аз писарам барои таъминот маблағ ситонам?**

Мутобики талаботи моддаи 88 Кодекси оилаи

ҶТ фарзандони болиғи қобили меҳнат ӯҳдадоранд, ки волидони ғайри кобили мехҳнати ба кӯмаки моддӣ эҳтиёҷманди худро таъмин намоянд. Азбаски байни Шумову писаратон созишномаи пардохти алимент вуҷуд надорад бинобар ин Шумо ҳуқуқ доред дар асоси талаботи ин модда ба суд бо аризаи даъвогӣ оиди ситонидани алимент муроҷиат кунед. Андозаи он аз тарафи суд бо назардошти вазъи моддии писаратон ва дигар ҳолатҳои қобили таваҷҷӯҳ тариқи устувор муайян карда мешавад.

## ӮҲДАДОРИҲОИ АЛИМЕНТДИҲИИ АЪЗОИ ДИГАРИ ОИЛА

46. Ман маъюби гурӯҳи дуюм буда, корношоям мебошам. Аз никоҳи аввалаам фарзанд надорам. Аз соли 1972 инҷониб бо шахрванд К.Л. дар ақди никоҳи расмӣ қарор дорам. Аз ин никоҳ низ соҳиби фарзандони умумии нагаштем. Аммо ман шаш нафар фарзандони шавҳарамро ба воя расонидаам, ки ҳамаи онҳо ба ғайр аз як нафарашон қобили меҳнат мебошанд. Ман ҳамагӣ ба андозаи 93 сомонӣ нафақа мегирам, шавҳарам низ нафақахӯр аст. Оё ман аз писарандарам, ки қобили меҳнат буда даромади моддии хуб дорад ягон гуна маблағ ситонида метавонам, зеро ман

ӯҳдадориамро нисбати писарандарам ба таври матлуб иҷро кардаам?

Бале. Тибқи талаботи моддаи 98 Кодекси оилаи ҶТ падарандар ва модарандари корношоями мӯҳтоҷе, ки писарандар ва духтарандари худро тарбия ва нигоҳубин кардаанд, агар онҳо аз фарзандони болиғи қобили меҳнат ё ҳамсари (ҳамсари собиқи) худ таъминот гирифта натавонанд, ҳуқуқ доранд аз писарандар ё духтарандари болиғи қобили меҳнат, ки маблағи зарурӣ доранд, ба тартиби судӣ таъминот талаб намоянд. Аз ин лиҳоз Шумо метавонед ба суд оиди ситонидани таъминот аз писарандаратон дар асоси Кодекси мазкур бо аризаи даъвогӣ муроҷиат кунед. Зеро муддати зиёда аз се сол аст, ки писарандаратонро таъмин ва тарбия кардаед ва ӯҳдадории худро нисбати ӯ пурра иҷро намудаед.

## ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ ВОЛИДОН

**47. Ман бо ҳамсарам соли 2005 оила барпо намуда, аз зиндагии якҷоя сохиби ду нафар фарзанд гардидем. Ман бо ҳамсарам аз соли 2013 хоҷагии умумӣ пеш намебарем. Ҳар моҳ алиментро супорида истодаам яъне ба фарзандонам ёрии моддӣ расонида истодаам, ҳамсарам бошад барои муошират кардан бо фарзандонам монеагӣ карда истодааст. Ман**

**мехоҳам фаҳмам, ки дар ин ҳолат ман ба чӣ ҳуқуқ дорам?**

Мутобиқи моддаи 66 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон волидон нисбати фарзандонашон ҳуқуқу ӯҳдадориҳои баробар доранд (ҳуқуқи волидон). Падар ё модаре, ки аз фарзанд ҷудо зиндаги мекунад, барои муошират бо кӯдак ҳуқуқ дорад ва вазифадор аст дар тарбияи ӯ ва ҳалли масъалаи гирифтани таҳсилоти кӯдак иштирок намояд. Падар ё модаре, ки фарзанд бо ӯ зиндаги мекунад, набояд монеи муоширати фарзанд бо падар ё модар бошад. Волидон метавонанд дар хусуси тартиби татбиқи ҳуқуқу ӯҳдадориҳои худ аз ҷониби падар ё модаре, ки ҷудо зиндагӣ мекунад, созишномаи хаттӣ банданд. Агар волидон мувофиқа карда натавонанд, баҳсро суд бо талаби волидон (яке аз онҳо), бо иштироки мақомоти васояту парасторӣ, ҳал менамояд. Шумо метавонед бо ариза ба Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдаки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ҷойи истиқомататон дар бораи муайян намудани тартиби муошират бо фарзанди ноболиғатон муроҷиат намоед.

**48. Ман бо шавҳарам аз зиндагии якҷояамон соҳиби ду нафар фарзанд гаштем. Аз моҳи январи соли ҷори хоҷагии умуми пеш намебарем. Ман бо фарзандонам дар хонаи волидонам**

**истиқомат карда истодаем. Рӯзе шавҳарам ба хонаи волидонам омада аз ман хоҳиш кард, ки бо фарзандонамон муошират намояд, аммо онҳоро гирифта ба хонаашон бурда, то ҳоло фарзандонамро барнагардонидааст. Ман мехоҳам фаҳмам барои баргардондани фарзандони ноболиғам ба куҷо муроҷиат намоям.**

Дар ин ҳолат Шумо метавонед ба суди дахлдор бо аризаи даъвогӣ муроҷиат намоед, зеро мутобиқи талаботи қисми 1 моддаи 68 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, волидон ҳуқуқ доранд баргардонидани фарзандонашонро аз ҳар шахсе, ки бе асоси қонуни ё ҳалномаи суд онҳоро дар наздаш нигоҳ медорад, талаб намоянд. Дар сурати ба миён омадани баҳс волидон метавонанд барои ҳимояи ҳуқуқашон ба суд муроҷиат намоянд.

**49. Писарам соли 2011 оиладор шуда, аз зиндагии якҷоя бо занаш соҳиби ду нафар фарзанд гаштанд. Аз моҳи марти соли ҷорӣ хоҷагии умумӣ пеш намебаранд. Зиёда аз шаш моҳ аст, ки ман бо набераҳои ноболиғам муошират карда наметаваонам, барои бартараф кардани ин монеагӣ ба куҷо муроҷиат намоям?**

Дар асоси моддаи 67 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Шумо метавонед бо ариза ба мақомоти васояту парасторӣ, ки дар сохтори

мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ҷойи истиқомататон қарор дорад, муроҷиат намоед, зеро бобою бибӣ (модаркалон), бародарону хоҳарон ва хешовандони дигар барои муошират бо кӯдак ҳуқуқ доранд. Дар сурате, ки агар волидон (яке аз онҳо) барои муошират хешовандони наздик бобою бибӣ (модаркалон), бародару хоҳарон бо кӯдак имконият надиҳанд, мақомоти васояту парасторӣ метавонад волидонро (яке аз онҳоро) вазифадор созанд, ки монеи ин муошират нашаванд. Агар волидон (яке аз онҳо) ба қарори мақомоти васояту парасторӣ итоат накунанд, бобою бибӣ (модаркалон), бародару хоҳарон ё мақомоти васояту парасторӣ метавонанд ҷиҳати рафъи монеаи муошират бо кӯдак ба суд бо даъво муроҷиат намоянд.

**50. Шавҳарам доимо ба хона дар ҳолати мастӣ меояд, бо фарзандонамон муносибати бераҳмона мекунад, нисбати онҳо хушунатро раво мебинад. Барои ҳамин фаҳмидан мехоҳам, ки ба куҷо муроҷиат намоям?**

Мутобиқи банди ҳафтуми моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» падару модар дар тарбияи фарзанд ӯҳдадоранд, ки шаъну шарафи фарзандро эҳтиром намоянд ва ба муомилаи бераҳмона нисбат ба ӯ роҳ

надиҳанд. Ғайр аз ин, тибқи қисми 1 моддаи 63 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон волидон барои тарбияи фарзандони худ дорои ҳуқуқу ӯҳдадорӣ мебошанд. Волидон барои тарбия ва рушду камоли фарзандонашон масъулият дошта, вазифадоранд, ки дар бораи саломатӣ, такомули ҷисмонӣ, рӯҳӣ, маънавӣ ва ахлоқӣ, таълим, касбомӯзии фарзандонашон ғамхорӣ намоянд.

Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои волидон набояд бар хилофи манфиатҳои фарзандон татбиқ шаванд. Таъмини манфиатҳои фарзандон бояд мавзӯи асосии ғамхории волидон бошад.

Ҳангоми истифодаи ҳуқуқи волидон он набояд ба саломатии ҷисмонию рӯҳии кӯдак ва такомули маънавии ӯ зарар расонанд. Усулҳои тарбияи кӯдакон бояд ба муомилаи бераҳмона, дағалона ва пасткунандаи шаъни инсонии кӯдак ё суиистифода ва истисмори кӯдакро аз ҷониби волидон истисно кунанд.

Волидоне, ки ҳуқуқу ӯҳдадориҳои худро бар зарари ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак татбиқ менамоянд, мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Инчунин, мутобиқи моддаи 69 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон волидон (яке аз онҳо) метавонанд аз ҳуқуқи падару модари маҳрум карда шаванд, агар онҳо: ба фарзандон муносибати бераҳмона кунанд, аз ҷумла нисбати

онҳо зӯроварии ҷисмони ё рӯҳиро раво бинанд, ба дахлнопазирии ҷинсии онҳо сӯиқасд намоянд, ё ин ки майзада ё нашъаманди ашаддӣ бошанд.

Агар Шумо хоҳед, ки шавҳаратон аз ҳуқуқи падарӣ маҳрум карда шавад, метавонед ба суди маҳалли истиқомататон бо аризаи даъвогӣ муроҷиат намоед.

**51. Ману шавҳарам оила барпо намудем ва аз зиндагии якҷоя соҳиби як нафар фарзанди ноболиғи чорсола мебошем. Ақди никоҳамон бекор карда шудааст ва фарзанди ягонаам дар тарбияи ман қарор дорад. Собиқ шавҳарам арз намудааст, ки фарзандамонро аз тарбияи ман тавассути мақомоти суд мегирад. Фаҳмидан мехостам, ки оё чунин имконияти қонунӣ вуҷуд дорад ва агар вуҷуд дошта бошад асосҳои қонунии тағйир додани ҷои истиқомати фарзандони ноболиғ кадом аст?**

Мутобиқи талаботи моддаи 65 Кодекси оилаи ҶТ ҳангоми ҷудо зиндагонӣ намудани волидон ҷои истиқомати кӯдак бо мувофиқаи онҳо муқаррар карда мешавад. Аз моҳияти масъала маълум аст, ки Шумову собиқ шавҳаратон ҷудо зиндагонӣ мекунед. Аз ин рӯ Шумову собиқ шавҳаратон ҳуқуқ доред, ки ҷои истиқомати кӯдакатонро мустақилона муайян намоед. Дар сурати ба созиш наомаданатон оиди муқаррар намудани ҷои истиқомати кӯдак баҳс бо тартиби судӣ ҳал

карда мешавад. Ҳангоми муайян намудани ҷои истиқомати кӯдак бо тартиби судӣ суд масъаларо бо назардошти манфиати кӯдак ҳаллу фасл намуда, зимнан чунин омилҳоро ба инобат мегирад, аз ҷумла, синну соли кӯдак, меҳри кӯдак ба падар ё модар, бародарону хоҳарон, имконияти фароҳам овардани шароити мусоид аз ҷониби падар ё модар оиди тарбия ва рушду камоли кӯдак, музди меҳнат, реҷаи корӣ

**52. Падару модарам муддати 50 сол бо ҳам тариқи никоҳи мусулмонӣ зиндагонӣ кардаанд Дар айни ҳол падарам вафот кардааст. Ман мехоҳам насаби падарамро дошта бошам, аммо намедонам ба куҷо муроҷиат намоям?**

Дар асоси моддаи 63 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ» бақайдгирии давлатии муқаррар намудани падарӣ дар асоси қарори суд дар бораи муқаррар намудани падарӣ ё муқаррар намудани факти эътирофи падарӣ бо аризаи хаттии модар ё падари кӯдак, васии (парастори) кӯдак, шахсе, ки дар нигоҳубини ӯ кӯдак қарор дорад ва инчунин худи кӯдаки ба балоғатрасида гузаронида мешавад. Аз ин рӯ, Шумо метавонед ба суди маҳалли зистатон бо ариза оиди муқаррар намудани падарӣ муроҷиат намоед.

**53. Духтарам соли 2005 бо шавҳараш ба тарики никоҳи давлатӣ хонадор шудааст. Аз никоҳи якҷоя 1 нафар фарзанд доранд. Аммо солҳои охир муносибати зану шавҳар вайрон шуда, мехоҳанд аз ҳам ҷудо шаванд. Домодам гуфт, ки духтарчаашро бо худ мегирад ва ӯро гирифта ба дигар шаҳр мебарад. Пурсидан мехоҳам, ки тақдири ин кӯдак чи мешуда бошад? Оё, судя бо кӯдак саволу ҷавоб мекарда бошад?**

Дар сурати баровардани ҳалнома оид ба бекор кардани ақди никоҳи ҳамсарон, ки фарзандони умумии ноболиғ доранд барои ҳимояи манфиатҳои кӯдак чораҳо меандешад новобаста аз он, ки баҳс вобаста ба кӯдакон ба миён омадааст ё не. Бо ин мақсадҳо судя ба тарафҳо мефаҳмонад, ки волидайни ҷудо зиндагӣ мекардагӣ ҳуқуқ дорад ва ӯҳдадор аст, ки дар тарбияи кӯдак иштирок намояд ва волидайне, ки кӯдак бо ӯ зиндагӣ мекунад монеагӣ накунад. Кӯдак ҳуқуқ дорад, ки бо ҳар кадоми онҳо муошират кунад. Инчунин, судя дар ҳалнома дарҷ мекунад, ки баъди бекор кардани ақди никоҳ кӯдакони ноболиғ бо кадом волидайн зиндагонӣ мекунанд.

Агар, кӯдаки духтаратон ба синни даҳ солагӣ расида бошад, он гоҳ тибқи моддаи 571 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯдак ҳуқуқ дорад дар ҳалли ҳама гуна масъалаҳои оилавӣ, ки ба манфиатҳои ӯ дахл доранд, фикри худро озодона

изҳор намояд, ҳамчунин дар рафти мурофиаҳои судӣ ва маъмурӣ иштирок кунад. Ба инобат гирифтани фикри кӯдаки аз синни даҳсола боло ҳатмӣ мебошад, ба истиснои мавридҳое, ки ин хилофи манфиатҳои ӯ мебошад. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур мақомоти васоят ва парасторӣ ё суд метавонанд танҳо бо ризоияти кӯдаки аз синни даҳсола боло қарор кабул намоянд.

**54. Ман дар ақди никоҳи қонунӣ қарор дорам ва чанд муддат аст, ки аз сабаби якдигарнофаҳмӣ бо занам аз ҳамдигар ҷудо зиндагонӣ менамоем. Аз никоҳи мазкур мо соҳиби як нафар кӯдаки ноболиғ мебошем, ки ҳоло кӯдак бо ҳамроҳии ӯ зиндагонӣ менамояд. Байни ману занам созишнома оиди ҷои истиқомати кӯдак вуҷуд надорад?**

Мутобиқи талаботи моддаи 65 Кодекси оилаи ҶТ ҷои истиқомати кӯдак ҳангоми ҷудо зиндагонӣ намудани волидон тибқи созиши байни онҳо ҳал карда мешавад. Агар чунин созиш набошад, он гоҳ баҳси байни онҳо ҷиҳати муайян кардани ҷои истиқомати кӯдак тибқи тартиби судӣ баррасӣ карда мешавад. Суд ҳангоми муқаррар кардани ҷои истиқомти кӯдак тамоми масъаларо бо назардошти манфиати кӯдак ҳал мекунад.

## МУҚАРРАР НАМУДАНИ АСЛУ НАСАБИ ФАРЗАНДОН

**55. Баъди 10 соли зиндагонӣ фаҳмидам, ки шавҳарам бо дигар зан муносибат доштааст. Аз он зан 2 нафар кӯдак доштааст. Аммо кӯдакони аз дигар зан будаи шавҳарам насабашро нагирифта будаанд. Дар айни замон писари шавҳарам 20 сола шудааст ва барои гирифтани насаби падараш ба ӯ муроҷиат кардааст. Донистан мехоҳам, ки оё фарзандони ба балоғат расида, насаби падарро гирифта метавонанд?**

Бале. Дар асоси моддаи банди 5 моддаи 49 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудани падари шахси ба синни балоғат расида танҳо бо розигии ӯ ва агар ин шахс ғайри қобили амал дониста шавад, бо розигии васӣ ё мақоми васояту парастории ӯ мумкин аст.

## ВАСОЯТ ВА ПАРАСТОРИИ НОБОЛИҒОН

**56. Соли 1990 падару модарам оиладор шуда-анд. Ақди никоҳи онҳо дар ҷамоати деҳоти ҷойи зисташон ба кайди давлатӣ гирифта шудааст. Аз никоҳи якҷоя падару модарам соҳиби 4 нафар фарзанд шудаанд, ки аз ҳама калониашон ман мебошам. Соли 2013 аз сабаби пеш бурдани зин-**

**дагӣ модарам фарзандони ноболиғашро партофта, барои кор ба шаҳри Москваи Федератсияи Россия рафт. Дар он ҷо ба ҳодисаи нохуше, ки балони газ метаркад, осеби зиёд гирифта, дар ҷояш вафот кард. Падарам соли 2016 зани дигар гирифт, аммо муносибат байни модарандар ва фарзандон тамоман вуҷуд надорад. Рӯзе падарам 3 кӯдаки ноболиғро оварда, ба хонаи бибиамон, яъне модари модарам партофта рафт. Ман донистан мехоҳам, ки тақдири додараконам чӣ мешуда бошад, бибиам метавонад тарбияи онҳоро ба дӯш дошта бошад?**

Мутобиқи моддаи 32 Кодекси граждании ҶТ васояту парасторӣ барои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандони ғайри қобили амал ва қобилияти пурраи амал надошта муқаррар мегардад. Васояту парастории ноболиғон ҳамчунин бо мақсади тарбияи онҳо муқаррар карда мешавад. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои марбути васиёну парасторонро Кодекси оилаи ҶТ муайян менамояд. Тибқи моддаи 147 Кодекси оилаи ҶТ васояту парастори барои кӯдакони ноболиғе, ки бе парастории волидон мондаанд, бо мақсади таъминот, таълиму тарбия, маълумотноккунӣ, инчунин барои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо муқаррар карда мешавад. Васоят барои ноболиғони то синии чордаҳсола муқаррар карда мешавад. Парасторӣ барои ноболиғони

аз чордаҳсола то ҳаждаҳсола муқаррар карда мешавад. Ҳангоми ба кӯдак таъин намудани васӣ ё парастор бояд сифатҳои шахсии васӣ (парастор), ба иҷрои ӯҳдадориҳои васӣ (парастори) қодир будани ӯ, муносибатҳои байни ӯ ва шахси мӯҳтоҷи васоят ё парасторӣ, муносибати аъзои оилаи васи (парастор) нисбат ба кӯдак, инчунин дар сурати имкон хоҳиши худи кӯдак ба инобат гирифта мешавад.

Васояту парасторӣ аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷамоатҳои шаҳрак ва ҷамоатҳои деҳоти маҳалли истиқомати шахсе, ки бояд таҳти васоят ва парасторӣ гирифта шавад ё маҳалли истиқомати васӣ ё парастор муқаррар карда мешавад. Аз ин лиҳоз, бибиатон метавонад ба мақомотҳои зикршуда, барои ба васоят ё парастории худ гирифтани наберагонаш муроҷиат намояд.

# ФАРЗАНДХОНДӢ




**57. Бародарам 5 сол аст, ки фарзанддор намешавад. Бо ҳамсараш муносибати хуб дорад ва дар ақди никоҳи давлатӣ қарор доранд. Онҳо метавонанд ягон кӯдакро ба фарзандӣ гиранд?**

Бале. Моддаи 124 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, ки кӯдаконе, ки бе парастории волидон мондаанд, бояд барои тарбия ба оила (барои фарзандхондӣ), таҳти васоят (парасторӣ) супорида шаванд ва дар сурати мавҷуд набудани чунин имконият тибқи шартнома барои тарбия ба оилаҳои (мураббии) парастор дода шаванд ё дар муассисаҳои кӯдакони ятим ё ҳар навъи муассисаҳо барои кӯдакони бе парастории волидон монда (муассисаҳои тарбияви, муассисаҳои табобати, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар муассисаҳои ба ин монанд) ҷойгир карда шаванд.

Дар асоси моддаи 126 Кодекси оила, фарзандхондӣ дар асоси аризаи шахсоне (шахсе), ки кӯдакро ба фарзандӣ қабул кардан мехоҳанд, аз тарафи суд расмӣ карда мешавад. Парвандаҳои

фарзандхондиро суд ба тартиби мурофиаи махсус баррасӣ менамояд.

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо интихоби худ ба суди маҳалли истиқомати кӯдаки ба фарзандхондӣ қабулшаванда ё ба суди маҳалли истиқомати худ барои ба фарзандхондӣ гирифтани кӯдак ариза медиҳанд.

То аризаи фарзандхондиро баррасӣ намудани суд мақомоти васояту парасторӣ вазифадоранд шароити зиндагии шахсеро, ки хоҳиши ба фарзандхондӣ қабул кардани кӯдакро дорад, санҷида, муайян кунанд, ки фарзандхондӣ ба манфиати кӯдак аст ё не, оё барои фарзанд хондан монеае ҳаст, инчунин муносибати кӯдак ба фарзандхондӣ ва фикри ӯро барои ба фарзандхондӣ қабул шуданаш муайян намуда, хулосаҳояшонро дар хусуси имконияти фарзандхондӣ ба суд пешниҳод намоянд.

## ҲУҚУҚҲОИ ҲАМСАРОН БА МАНЗИЛ

**58. Ман бо шавҳарам санаи 13 январи соли 2014 дар шӯъбаи САХШ-и ҷамоати деҳоти маҳали зистамон дар дафтари бақайдгирӣ таҳти №19 ақди никоҳ баста, аз зиндагонии якҷояамон соҳиби як фарзанд гаштем. Дар аввал муносибатамон нағз буд, дар байни мо ҳурмату эҳтиром ҷой дошт. Бо ҳамроҳии ҷавобгар муддати зиёда аз як сол дар**

**манзили истиқоматиаш истиқомат карда, хоҷагии умумӣ пеш мебурдем, аммо байни ман ва хушдоманам муносибат хуб набуд ва дар охир бо ман бисёр ҷанҷол мекард ва маҷбур мекард, ки ман аз ҳавлии шавҳарам баромада равам ва ман баъдтар фаҳмидам, ки шавҳарам ба тариқи никоҳи динӣ зан гирифтааст. Ҳамин тариқ рӯзе шавҳарам аз кор омада бо хамрохии фарзанди ноболиғам маро ба хонаи волидонам бурда монд. Сипас баъди якчанд рӯз хешу табори шавҳарам бо автомошинаи шавҳарам як қисми молу мулкамро бе ягон асос аз хонаи шавҳарам гирифта, ба хонаи волидонам оварда монд. Ҳоло ман, то инҷониб ҳамроҳи фарзандам дар хонаи волидонам истиқомат менамоям ва аз ҷиҳати манзил танқисӣ кашида истодаам, мехоҳам дар хонаи келин шуда рафтагиам бо фарзандам маскун шавам.**

Шумо метавонед тибқи моддаҳои 121 ва 122 Кодекси манзили Чумхурии Точикистон бо аризаи даъвогӣ ба суди маҳалли истиқомати ҷавобгар, яъне шавҳаратон оиди эътироф кардани аъзои оилаи молик ва маскун намудан ба манзили истиқоматӣ муроҷиат намоед.

**59. Ман бо шавҳарам ба тариқи никоҳи давлатӣ оиладор шудаам ва аз ин никоҳ як нафар кӯдак дорам. Аммо шавхарам маро бо кӯдакам аз хона пеш карда, гуфт, ки хоҳиши бо ман зин-**

**дагонӣ кардан надорад. Дар айни ҳол ман дар хонаи модарам зиндагонӣ мекунам ва шароити зиндагониам на он қадар хуб мебошад. Намедонам ба куҷо муроҷиат намоям?**

Волидон вазифадоранд, ки фарзандони ноболиғи худро таъмин намоянд. Тартибу шаклҳои таъминоти фарзандонро волидон мустақилона муайян менамоянд. Волидон ҳуқуқ доранд дар мавриди таъминоти фарзандони ноболиғи худ созишнома банданд. Агар волидон фарзандони худро таъмин накунанд, маблағ барои таъминоти онҳо (алимент) аз волидон тибқи тартиби муқаррарнамудаи судӣ ситонида мешавад. Дар ин ҳолат Шумо ҳуқуқ доред барои таъмини фарзанди ноболиғатон бо аризаи даъвогӣ ба суди маҳалли истиқомати шавҳаратон барои рӯёнидани алимент муроҷиат намоед. Инчунин, метавонед бо дигар аризаи даъвогӣ оид ба эътирофи аъзои оилаи молик ва маскун кардан ба хонаи истиқоматие, ки бо шавҳаратон зиндагӣ мекардед муроҷиат намоед.

## ҲУҚУҚИ ИНТИХОБИ НАСАБИ ҲАМСАРОН

**60. Ман дар вақти бастани ақди никоҳ насаби ҳамсарамро интихоб карда будам. Дар айни ҳол шавҳарам вафот кардааст. Мехоҳам фаҳмам, ки метавонам насаби пештараамро гирам?**

Бале. Мувофиқи моддаи 67 Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» иваз намудани насаб, ном ва номи падари аз тарафи мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ҷойи истиқомати шахсе, ки хоҳиши иваз намудани ном, номи падар, насабро дорад, ба ҷо оварда мешавад. Ариза дар бораи иваз намудани насаб, ном ва (ё) номи падар ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии маҳалли истиқомат дар шакли хаттӣ дода мешавад. Шахсе, ки хоҳиши иваз намудани насаб, ном ё номи падарро дорад, дар ариза оид ба иваз намудани насаб, ном ва (ё) номи падар имзо гузошта, санаи тартиб дода шудани онро нишон медиҳад.

**61. Дар вақти бастани ақди никоҳ насаби ҳамсарамро интихоб намуда будам. Дар айни ҳол ба суд барои бекор кардани ақди никоҳ муроҷиат кардаам. Оё ҳуқуқ дорам, ки баъди бекор шудани ақди никоҳ насабамро бозпас гирам?**

Бале. Мувофиқи моддаи 45 Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» ҳамсаре, ки ҳангоми ақди никоҳ насаби худро тағйир додааст, пас аз бекор кардани ақди никоҳ ҳуқуқ дорад бо ризоияти ҳамсари дигар насабшро тағйир надиҳад ё бо талаби ӯ ҳангоми бақайдгирии бекор кардани ақди никоҳ аз тарафи мақомоти

сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба ӯ насаби то aқди никоҳ доштааш дода шавад.

**62. Соли 2003 бо шавҳарам aқди никоҳ баста будем. Никоҳамон дар ҷамоати деҳот ба қайди давлатӣ гирифта шуда, ба мо шаҳодатномаи aқди никоҳ дода буданд. Бо мурури замон шаҳодатномаи aқди никоҳамонро гум кардем ва ба бахши САҲШ-и ҷойи истиқоматамон барои гирифтани шаҳодатномаи такрорӣ муроҷиат намудем. Аммо кормандони САҲШ дар вақти азназаргузаронии санҷиши никоҳ барои солҳои 2000 - 2006 сабти никоҳи моро наёфтанд. Аз ин никоҳ 2 нафар фарзанд дорем, аммо кӯдакон шаҳодатномаи таваллуд нагрифтаанд. Мехоҳем фаҳмем, ки дар ин ҳолат чӣ кор кунем?**

Мувофиқи муқаррароти моддаи 78 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» барқарор намудани сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ аз тарафи мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки дар он сабти асноди ҳолати шаҳрвандии гумшуда тартиб дода шуда буд, дар асоси ҳуҷҷатҳое, ки пештар мавҷуд будани чунин сабтҳоро тасдиқ мекунанд (шаҳодатнома дар бораи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ё нусхаҳои шаҳодатномаи дар бораи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ) ё дар асоси ҳалномаи суд, ки ба

қувваи қонунӣ даромадааст, гузаронида мешавад.

Шумо метавонед тибқи Қонуни мазкур бо ариза дар бораи барқарор намудани сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар шакли тасдиқшуда ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии маҳалли истиқомататон муроҷиат намоед.

Инчунин дар асоси моддаи 81 Қонуни дар боло зикршуда, ҳангоми рад кардани барқарор намудани сабти асноди ҳолати шаҳрвандии гумшуда бо сабаби набудани имконияти барқарор намудани он аз тарафи мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ барқарор намудани сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ бе тартиб додани хулоса дар асоси ҳалномаи суд, ки ба қувваи қонунӣ даромадааст, ба ҷо оварда мешавад.

**63. Фарзандам 7 сола шудааст, аммо шаҳодатномаи таваллуд надорад. Ӯро ба мактаб бурда мондаам, аммо директори мактаб гуфтааст, ки бе шаҳодатномаи таваллуд аз дари мактаб надарояд. Дар ин ҳолат чӣ кор кунам?**

Тибқи талаботи моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» қайди давлатии таваллуди кӯдаки ба синни як расида ё аз он калонтар дар асоси аризаи падару модар (яке аз онҳо) ё шахсони манфиатдор дар сурати мавҷуд будани ҳуҷҷати шакли муқарраршуда дар бораи

таваллуд, ки аз тарафи муассисаи тиббӣ ё табиби ба фаъолияти хусусӣ машғулбуда дода шудааст, гузаронида мешавад. Ҳангоми бақайдгирии давлатии таваллуди кӯдаки ба синни як расида ё аз он калонтар маълумотнома дар бораи мавҷуд набудани ҳуҷҷатҳои ӯ, ки аз ҷониби бойгонии дахлдори мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дода шудааст, инчунин маълумотнома аз ҷойи таваллуд, ҷойи истиқомати кӯдак ва аз муассисаи таҳсилоти умумие, ки кӯдак дар он ҷо таҳсил мекунад, пешниҳод карда мешавад. Маълумотномаи бойгонии мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар асоси санҷиши мӯҳлати панҷсола (соли таваллуди кӯдак, ду соли пеш ва ду соли баъди таваллуди ӯ) тартиб дода мешавад. Қайди давлатии таваллуди кӯдаки ба синни як расида ё аз он калонтар танҳо аз тарафи мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ноҳия ва шаҳр гузаронида мешавад.

*Замимаҳо*
*(Намунаҳои аризаҳои даъвогӣ)*

**Замимаи №1**

Ба суди шаҳри (ноҳияи)___________________________
Даъвогар: _____________________________________
(Ному насаб, суроғаи зист аз рӯи қайд\муваққатӣ)

Ҷавобгар: _____________________________________
(Ному насаб, суроғаи зист аз руи қайд\муваққатӣ)

## АРИЗАИ ДАЪВОГӢ
## оиди бекор кардани ақди никоҳ

Бо ҷавобгар_________ман аз санаи «____»________ соли 20__ дар қайди никоҳи қонунӣ буда, никоҳи мо дар шӯъбаи САҲШ-и шаҳри\ноҳияи _____________ тахти № ______ ба қайди давлатӣ гузошта шудааст. Аз никоҳ ва зиндагонии якҷоя мо соҳиби _________ нафар фарзанд гардидааем:

1.______________________________________________
(ному насаби, кӯдак) (рӯз, моҳ, соли таваллуд)

2.______________________________________________
(ному насаби кӯдак) (рӯз, моҳ, соли таваллуд)

Бо ҷавобгар якҷоя зиндагонӣ кардан ғайри имкон аст, зеро ___________________________________________
_______________________________________________
(сабаби он нишон дода шавад)

Воқеан муносибатҳои оилавии мо аз санаи «____»_______20___сол катъ гардида шуда, хоҷагии умумӣ бурда нашуда истодааст. Баҳсхо вобаста ба

таъминоти кӯдак, ва баҳси молу мулки байни мо мавҷуд нест.
Дар асоси гуфтаҳои боло ва бо дастрасии моддаи 21 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз суд,

**ХОҲИШ МЕКУНАМ:**

Ақди никоҳи байни ман__________________ва ҷавобгар (ному насаб) ______________, ки санаи «___»_____ сол таҳти №_____, дар шуъбаи САҲШ-и шаҳри\ноҳияи________________ба расмият даровардa шудааст, бекор карда шавад.

**Замимаҳо:**

1. Шаҳодатномаи бақайдгирии ақди никоҳ;
2. Нусхаи шаҳодатномаи таваллуди фарзанд;
3. Маълумотнома аз ҷои истиқомат;
4. Квитансия дар бораи пардохти боҷи давлатӣ;
5. Нусхаи аризаи даъвогӣ.

**Даъвогар:** (Имзо) (ному насаб)

(Сана)

**Замимаи №2**

Ба суди шаҳри (ноҳияи)______________________________
Даъвогар: ____________________________________
(Ному насаб, суроғаи зист аз рӯи қайд\муваққатӣ)
Ҷавобгар:______________________________________
(Ному насаб, суроғаи зист аз руи қайд\муваққатӣ)

## АРИЗАИ ДАЪВОГӢ
## дар бораи аъзои оилаи соҳибмулк эътироф, маскун намудан ва муайян намудани тартиби истифодабарии манзил

Бо ҷавобгар _________ ман аз санаи «____»________ соли 20__ дар қайди никоҳи қонунӣ буда, никоҳи мо дар шуъбаи САҲШ-и шаҳри\ноҳияи ______________ таҳти № ______ ба қайди давлатӣ гузошта шудааст. Аз никоҳ ва зиндагонии якҷоя мо соҳиби _________ нафар фарзанд гардидаем:

1.______________________________________________
(ному насаби кӯдак) (рӯз, моҳ, соли таваллуд)

2.______________________________________________
(ному насаби кӯдак) (рӯз, моҳ, соли таваллуд)

Аз лаҳзаи оиладоршави бо ҷавобгар ___________(ному насаб) ман дар хонаи волидони ӯ воқеъ дар шаҳри\ноҳияи ___________________ кӯчаи ______________, хонаи___________ва то моҳи_____________соли 20____ то баромада рафтанам, зиндагонӣ мекардем. Дар вақти зиндагонии якчоя бо ҷавобгар ва волидайни ӯ муносибатамон нағз буд, дар байни мо ҳурмату эҳтироми якдигар ҷой дошт, онҳо низ муносибаташон

бо ман нағз буд, чунки ҳама якҷоя дар як хона истиқомат карда, хурду хӯроки якҷоя доштем ва хоҷагии умумӣ мебурдем.
Санаи «_____»_____________соли 20____ ҷавобгар бо ман ҷангу ҷанҷол карда, изҳор кард, ки аз хонаи онҳо баромада равам. Дар натиҷа ман маҷбур шудаам, ки бо ҳамроҳи\тано (фарзандонам) ба хонаи волидонам равам.
Қариб_________________моҳ мешавад, ки якҷоя бо ҷавобгар ва волидонаш дар суроғаи шаҳри\ноҳияи _________________ кӯчаи_____________________, хонаи _______, зиндагонӣ намекунам ва дар айни замон дар хонаи падару модарам мебошам, чунки ман дар он ҷо зери фишори ҷавобгар қарор доштам.
Дар айни замон ман дар ягон ҷой кор намекунам ва манзили истиқоматӣ надорам, ки бо фарзандонам зиндагонӣ кунам, вале чавобгар ман ва фарзандонамро на бо манзил таъмин менамояд ва на аз ҷиҳати модди дастгирӣ намекунад. Аз хамин сабаб зарур аст, ки ман ва фарзандонам аъзои оилаи молик эътироф карда шуда, ба манзили истиқоматии воқеъ дар шаҳри\ноҳияи _________________ кучаи ________________, хонаи _______, маскун карда шавем.
**Мувофиқи талаботи моддаи 121 қисми 2 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон**, дар ҳолатҳои мустасно инчунин дигар ашхос, ки бо молик муқимӣ истиқомат мекунанд ва бо ӯ хоҷагии умумиро пеш мебаранд, чун аъзои оилаи молик шинохта мешаванд.
**Тибқи талаботи моддаи 122 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон**, аъзои оилаи молик, ки дар бинои истиқоматиаш (квартирааш) ҷой дода шудаанд,

ҳақ доранд баробари ӯ аз манзили истиқоматии бино, агар ҳангоми ҷойгир шудан тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, истифода баранд.

Бинобар он аз ҷониби суд низ, масъалаи тартиби истифодабарии манзил, чунончи бе монеагӣ ворид шудан ва истифодаи дигар биноҳои ёрирасон (ошхона, ҳоҷатхона ва ғ.) бинобар дар оянда минбаъд аз тарафи ҷавобагар ё ин ки аъзоёни дигари соҳибмулки хона монеагӣ накардан, муайян карда шавад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло ва бо дастрасии моддаҳои 121, 122 Кодекси Манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз суд,

**ХОҲИШ МЕНАМОЯМ:**

Ман ва фарзандонам:____________________________ (ному насаб) (соли таваллуд) аъзои оилаи соҳибмулк____________________(ному насаб) эътироф карда шуда, ба манзили истиқоматии воқеъ дар _____ ______________________________(шаҳр\ноҳия, куча, хона) маскун карда шуда, тартиби истифодабарии манзили истиқоматӣ низ аз ҷониби суд муайян карда шавад.

**Замимаҳо:**

1. Нусхаи аризаи даъвогӣ;
2. Нусхаи шиносномаи даъвогар;
3.Нусхаи шаҳодатномаҳои таваллуд;
4.Маълумотнома аз ҷои зист;
5.Нусхаи ҳуҷатҳои манзил;
6.Квитансияи боҷи давлатӣ.

**Даъвогар:** (Имзо) (ному насаб)

(Сана)

**Замимаи №3**

Ба суди шаҳри (ноҳияи)_____________________________
Даъвогар:_____________________________________
(Ному насаб, суроғаи зист аз рӯи қайд\муваққатӣ)

Ҷавобгар:_____________________________________
(Ному насаб, суроғаи зист аз руи қайд\муваққатӣ)

## АРИЗАИ ДАЪВОГӢ
## оиди муошират намудан бо кӯдак

Бо ҷавобгар _________ ман аз санаи «____»_________ соли 20__ дар кайди никоҳ қонуни буда, никоҳи мо дар шуъбаи САҲШ-и шаҳри\ноҳияи ________________ таҳти № ______ ба қайди давлатӣ гузошта шудааст. Аз никоҳ ва зиндагонии якҷоя мо соҳиби ______________ нафар фарзанд гардидааем:

1.______________________________________________
(ному насаби, кӯдак) (рӯз, моҳ, соли таваллуд)

2.______________________________________________
(ному насаби кӯдак) (рӯз, моҳ, соли таваллуд)

Бо ҷавобгар якҷоя зиндагонӣ кардан ғайри имкон аст, зеро _________________________________________
(сабаби он нишон дода шавад)

Воқеан муносибатҳои оилавии мо аз санаи «____»_______.20___с. қатъ гардида шуда, хоҷагии умумӣ бурда нашуда истодааст. Дар айни ҳол, фарзандонам бо ҷавобгар дар суроғаи шаҳр\ноҳия кӯчаи_____________, хонаи ________ зиндагони карда истодаанд. Ба хоҳиши ман оиди иҷозат додан барои

дидори фарзандонам, ҷавобгар ба ҳар баҳона саркашӣ карда истода, имконияти вохӯри намудани манро бо кӯдаконам маҳрум карда истодааст. Инчунин ман қайд кардани ҳастам, ки ман дар хонаи шахсии худам зиндагонӣ карда, дар идора__________________ дар ҳайси ____________ кор ва фаъолият мекунам.

Падару модар нисбати фарзандонашон ҳуқуқу уҳдадориҳои баробар доранд. Падар, низ барои тарбия ва рушду камоли фарзандонаш масъулият дошта, вазифадор аст, ки дар бораи саломатӣ, такомули ҷисмонӣ, рӯҳи, маънавӣ ва ахлоқӣ, таълим, касбомӯзии фарзандонаш ғамхорӣ намояд. Ман низ дар тарбияи фарзандони худ нисбат ба ҳамаи шахсони дигар ҳуқуқи афзалиятнок дорам.

**Мувофиқи талаботи моддаи 66 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон** падар ё модаре, ки аз фарзанд ҷудо зиндагӣ мекунад, барои муошират бо кӯдак ҳуқуқ дорад ва вазифадор аст дар тарбияи ӯ ва ҳалли масъалаи гирифтани таҳсилоти кӯдак иштирок намояд. Падар ё модаре, ки фарзанд бо ӯ зиндагӣ мекунад, набояд монеи муошират фарзанд бо падар ё модар бошад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло ва бо дастрасии моддаҳои 66-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз суд,

**ХОҲИШ МЕКУНАМ:**

Ба ман ____________________барои муоширát намудан бо фарзандонам ______________________(ному насаб, соли таваллуд) реҷаи муоширát дар як ҳафта_______ маротиба аз ҷониби суд муайян карда шавад.

**Замимаҳо:**

1. Шаҳодатномаи никоҳ;
2. Нусхаи шиноснома;
3. Маълумотнома аз ҷои истиқомат;
4. Нусхаи аҳди мақомоти васояту парасторӣ;
5. Нусхаи аризаи даъвогӣ;
6. Квитансияи боҷи давлатӣ.

**Даъвогар:** (Имзо) (ному насаб)

(Сана)

**Замимаи №4**

Ба суди шаҳри (ноҳияи)______________________________
Даъвогар:_____________________________________
(Ному насаб, суроғаи зист аз рӯи қайд\муваққатӣ)

Ҷавобгар:_____________________________________
(Ному насаб, суроғаи зист аз руи қайд\муваққатӣ)

Нархи даъво _____________________________

## АРИЗАИ ДАЪВОГӢ
## оид ба тақсим кардани моликияти муштарак

Бо ҷавобгар _________ ман аз санаи «____»_________ соли 20__ дар қайди никоҳ қонуни буда, никоҳи мо дар шуъбаи САҲШ-и шаҳри\ноҳияи _____________ тахти № ______ ба қайди давлати гузошта шудааст. Аз никоҳ ва зиндагонии якҷоя мо соҳиби _________ нафар фарзанд гардидааем:

1.____________________________________________
(ному насаби, кӯдак) (рӯз, моҳ, соли таваллуд)

2.____________________________________________
(ному насаби кӯдак) (рӯз, моҳ, соли таваллуд)

Бо ҷавобгар якҷоя зиндагонӣ кардан ғайри имкон аст, зеро ____________________________________________
____________________ (сабаби он нишон дода шавад)

Воқеан муносибатҳои оилавии мо аз санаи «____»_______.20___с. қатъ гардида шуда, хоҷагии умумӣ бурда нашуда истодааст. Вобаста ба баҳси тақсими молу мулк, ки моликияти якҷояи ман ҷавобгар

мебошад, мо ба ягон созишнома намоадаем. Дар вақти зиндагонии якҷоя мо чунин моликиятро ба даст овардаем, чунончи:

_______________________________________________

_______________________________________________

(номгӯи моликият, суроғаи ҷойгиршавии он)

_______________________________________________

_______________________________________________

(муҳлати ба дастовардан, дар кадом мақомоти давлатӣ ба қайд гирифта шудааст) (арзиши моликият)

**Мутобиқи моддаи 38-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон** тақсими молу мулке, ки моликияти муштараки зану шавҳар мебошад, чӣ дар давоми заношӯӣ ва чӣ баъди талоқ, бо талаби ҳар кадоме аз онҳо, инчунин дар ҳолати аз ҷониби қарздиҳанда талаб кардани тақсими моликияти умумии зану шавҳар барои ситонидани маблағи қарз аз саҳми зан ё шавҳар дар моликияти умумӣ сурат гирифта метавонад. Молу мулки умумии зану шавҳар метавонад бо созишномаи зану шавҳар дар байни онҳо тақсим карда шавад. Дар ҳолати ба миён омадани баҳс вобаста ба тақсими молу мулки муштараки зану шавҳар, инчунин муайян намудани саҳми зану шавҳар дар ин молу мулк ба тартиби судӣ ҳал карда мешавад.

Дар навбати худ ҷавобгар аз тақсими манзили истиқоматиамон, бо ҳар баҳона саркашӣ карда истодааст. Дар асоси гуфтаҳои боло ва бо дастрасии моддаи 38 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз суд,

## ХОҲИШ МЕКУНАМ:

Моликияти муштараки мо, воқеъ дар суроғаи ________ ____________________________________________, ки санаи «____»___________20___сол харида шудааст, бо манфиати ____ нафар фарзандон тақсим карда шавад.

**Замимаҳо:**

1. Шаҳодатномаи никоҳ;
2. Нусхаи шиноснома;
3. Маълумотнома аз ҷои истикомат;
4. Нусхаи аризаи даъвогӣ;
5. Квитансияи боҷи давлатӣ.

**Даъвогар:** (Имзо) (ному насаб)

(Сана)

**Замимаи № 5**

Ба суди шаҳри (ноҳияи)_____________________________

Даъвогар:__________________________________________

(Ному насаб, суроғаи зист аз рӯи қайд\муваққатӣ)

Ҷавобгар:__________________________________________

(Ному насаб, суроғаи зист аз руи қайд\муваққатӣ)

## АРИЗАИ ДАЪВОГӢ
## оиди руёнидани алимент ба маблағи устувор

Бо ҷавобгар _________ ман аз санаи «____»_________ соли 20__ дар қайди никоҳ қонунӣ буда, никоҳи мо дар шуъбаи САҲШ-и шаҳри\ноҳияи ________________ таҳти № ______ ба қайди давлатӣ гузошта шудааст. Аз никоҳ ва зиндагонии якҷоя мо соҳиби __________ нафар фарзанд гардидааем:

1.________________________________________________

(ному насаби, кӯдак) (рӯз, моҳ, соли таваллуд)

2.________________________________________________

(ному насаби кӯдак) (рӯз, моҳ, соли таваллуд)

Воқеан муносибатҳои оилавии мо аз санаи «____»_______20___сол қатъ гардида шуда, хоҷагии умумӣ бурда нашуда истодааст. Ҷавобагр барои таъминоти фарзндонаш ихтиёран ягон ёрии моддӣ намерасонад ва байни мо ягон созиш вобаста ба таъминоти фарзадон баста нашудааст. Ҷавобгар бошад дар бозори хӯроквори кор карда, даромади тағйирёбанда дорад.

Мувофиқи талаботи моддаи 83 қисми 1 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми набудани созишномаи падару модар дар хусуси пардохти алимент ба кӯдакони ноболиғ ва дар ҳолате, ки агар падар ё модари алиментдиҳанда музди кор ва ё даромади дигари

номунтазам ё тағьирёбанда дошта бошад, ё агар ин падар ё модар музди меҳнату даромади дигарро пурра ё қисман дар шакли асл (натура) ё асъори хориҷӣ гирад, инчунин ҳангоми нагирифтани музди меҳнат ва (ё) даромади дигар, инчунин дар ҳолатҳои дигаре, ки ситонидани алимент вобаста аз ҳиссаи музди меҳнат ва даромади дигари падар ё модар имконнопазир, мушкил ё манфиати яке аз тарафҳоро моҳиятан халалдор созад, суд метавонад андозаи алименти ҳармоҳа ситонидашавандаро ба маблағи устувор ва ё ҳамзамон дар шакли ҳисса (мутобиқи моддаи 81 ҳамин Кодекс) ва бо маблағи устувор муайян намояд.
Бо назардошти гуфтаҳои боло ва бо дастрасии моддаи 83-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз суд,

**ХОҲИШ МЕКУНАМ:**

Аз ҳисоби ҷавобгар (ному насаб) ба фоидаи ман (ному насаб) ва барои нигоҳубини фарзандонам- (ному насаб\соли таваллуд) алимент ба маблағи устуворғ _________ сомонӣ ҳар моҳ руёнида шавад.

**Замимаҳо:**
1. Нусхаи шаҳодатномаи бастани (ё бекор кардан) ақди никоҳ;
2. Нусхаи шаҳодатномаи таваллуди фарзанд;
3. Маълумотнома аз ҷойи зист бо нишон додани аъзои оила(фарзанд);
4. Маълумотнома оид ба музди меҳнати ҷавобгар;
5. Нусхаи аризаи даъвогӣ.

**Даъвогар:** (Имзо) (ному насаб)
(Сана)

**Замимаи № 6**

Ба суди шаҳри (ноҳияи)_____________________________
Даъвогар: _________________________________________
(Ному насаб, суроғаи зист аз рӯи қайд\муваққатӣ)

Ҷавобгр:___________________________________________
(Ному насаб, суроғаи зист аз руи қайд\муваққатӣ)

## АРИЗАИ ДАЪВОГӢ
## оид ба муқаррар кардани падарӣ ва ситонидани алимент

Ман бо ҷавобгар ақди никоҳи бақайдгирифташуда бастам «____»________соли 20___во бо ӯ то «____»________соли 20__ якҷоя зиндагӣ кардам. Аз никоҳ ва зиндагонии якҷоя мо соҳиби _________ нафар фарзанд гардидааем:

1.____________________________________________
(ному насаби, кӯдак) (рӯз, моҳ, соли таваллуд)

2.____________________________________________
(ному насаби кӯдак) (рӯз, моҳ, соли таваллуд)

Ҷавобгар падари фарзандонам мебошад, вале бо вуҷуди ин ӯ аз ихтиёри ба мақомоти САҲШ пешниҳод кардани ариза оид ба сабти номи падарӣ саркашӣ мекунад.

Фарзандонам таҳти таъминоти ман қарор доранд, ҷавобгар барои таъминоти кудак кӯмак намекунад.

Падарии чавобгар бо далелҳои зерин тасдиқ карда ме шавад:_________________________________(далелҳое, ки падарии ҷавобгар ва якҷоя зиндагӣ кардан ва бурдани хоҷагии умумӣ ё иштироки ҷавобгар дар

тарбияи фарзандро тасдиқ мекунад ё дигар далелҳо зикр карда шавад).

Мутобиқи моддаҳои 50, 80, 82 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**ХОҲИШ МЕКУНАМ:**

Муқарар карда шавад, ки ҷавобгар____________(Ному насаби ҷавобгар, руз моҳ ва соли таваллуд, суроғаи зист аз рӯи қайди/муваққатӣ) падари фарзанд__________ (ному насаб, руз,моҳ, соли таваллуд) мебошад.

Аз ҷавобгар___________________________(Ному насаби ҷавобгар, руз моҳ ва соли таваллуд) ба манфиати ман барои таъминоти фарзанд________________(ному насаб, руз,моҳ, соли таваллуд) ба андозаи ____% аз ҳама гуна даромадҳо ва дигар даромадҳо , аз рузи пешниҳод кардани ариза то ба синни 18 расидани фарзанд ситонида шавад.

**Замимаҳо:**

1. Нусхаи шаҳодатномаи таваллуди фарзанд;
2. Маълумотнома аз ҷои истиқомат бо нишон додани аъзои оила (фарзанд);
3. Маълумотнома оид ба вазъи саломатии фарзанд;
4. Маълумотнома оид ба музди меҳнати ҷавобгар;
5. Далелҳои тасдиққунандаи падарии ҷавобгар, агар мавҷуд бошанд;
6. Нусхаи аризаи даъвогӣ.

**Даъвогар:** (Имзо) (ному насаб)

(Сана)

## Барои қайдҳо